ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.anvor.tj №9 (345) 22-юми декабри соли 2023, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

## "АЗ ПЕШВО БИОМӮЗ ДАРСИ ВАТАНПАРАСТӢ"




Таҳти унвони мазкур санаи 11-уми декабри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҳошияи Симпозиуми байналмилалии "Бобоҷон Ғафуров-бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик" бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров ва 29-солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти унвони "Аз Пешво биомӯз дарси ватанпарастӣ" ҳамоиши илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини ректор ва ҳамчунин олимону муҳаққиқони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, аз ҷумла доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Холиқзода Абдураҳим Ғаффор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Искандаров Зайниддин Ҳамидович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Маҳмудов Изатулло Тешаевич ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштан.

Ҳозирин зимни суханрониҳо таъкид доштанд, ки "Тоҷикон" асаре аст, ки таърихи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX дар бар мегирад ва дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ, осори фаровони хаттии таърихиву адабӣ ва таҳқиқоти олимони маъруфи Шарқу Ғарб ба таври хеле муфассал таълиф шудааст.

Дар ин асари безавол ҷараёни ташаккули миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён гардидаанд.

Изҳор гардид, ки аҳаммияти ин асар имрӯз, яъне дар шароити вусъати рӯзафзун пайдо намудани паҳлуҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ барои худшиносиву худогоҳии миллии мардум, хусусан наврасону ҷавонон ва тавсеаи тафаккури таърихии онҳо торафт меафзояд. Имрӯз асари "Тоҷикон" ба китоби рӯйимизии ҳар фарди тоҷик мубаддал гардидааст. Воқеан ҳам, ин шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик аст. Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров дар навиштани китоби "Тоҷикон" заҳмати хеле зиёде кашидааст. Маҳз ҳамин китоб бузургии миллати тоҷикро бори дигар исбот намуд. Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро барои таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст.

Зимнан маърузачиён аз иқдоми навбатии фарҳангии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба нашри асари безаволи "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ба ҳар оилаи мамлакат дастрас намудани он ёдрас шуда, онро барои огоҳии ҳарчи бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодон муҳим ва саривақтӣ донистанд.

### СУХАНРОНӢ ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ИФТИХОРИ 115-СОЛАГИИ АКАДЕМИК Б. ҒАФУРОВ


С. 8-9

### БОБОҶОН ҒАФУРОВ-ХОДИМИ БАРҶАСТАИ СИЁСӢ...


С. 2-3

### ВОҚЕИЯТИ "ШОҲНОМА" ВА ҲАҚИҚАТИ ФИРДАВСӢ


С. 3-4

### СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ



С. 7

*Туро лаззат зи илм аст, аз амал бӯй,*
*Камолият ту аз илму амал ҷӯй.* Н. Хисрав



# БОБОҶОН ҒАФУРОВ-ХОДИМИ БАРҶАСТАИ СИЁСӢ

**Бобоҷон Ғафуров фарзанди маҳбуби Ватан ва халқи худ аст ва бо итминони комил изҳор медорам, ки номи некаш то абад дар хотири наслҳои миллати куҳанбунёд, фарҳангӣ ва тамаддунсози тоҷик зинда хоҳад монд.**
**Эмомалӣ Раҳмон**



Дар таърихи ташаккули ҳар як халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки номи онҳо дар ҳеҷ давру замон аз хотираи мардум фаромӯш намешавад. Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик низ кам нестанд, ки онҳо ифтихори на танҳо миллати мо, балки боиси сарфарозии мардуми олам гардидаанд. Ин бузургон бо осори гаронбаҳо ва ғояҳои инсонпарварии худ дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд. Ҳар як марҳилаи таърихи халқи тоҷик чунин шахсиятҳои барҷастаеро ба арсаи ҷаҳонӣ овардааст. Ҳар кадоми ин бузургон дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат, сиёсат ва таърих, адабиёт ва санъат чеҳраи тобноке дошта, бо осори пурқимати худ машҳури ҷаҳон шудаанд.

Фарзанди фарзонаи миллат, ходими номдори давлатию сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро ба гирдоварӣ ва бузургдошти таърихи миллати тоҷик ва манзури ҷаҳониён гардонидани он сарф намудааст. Солҳои тӯлонӣ ӯ ба таҳқиқи таъриху тамаддуни мардуми Машриқзамин машғул буд. Ҳамзамон созмондиҳандаи моҳири соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, шарқшиносӣ буда, барҳақ, яке аз бунёдгузорони илми муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Солҳои 1926-1928 Б.Ғафуров таҳсили худро дар мактаби назди стансияи роҳи оҳани Хуҷанд идома дода, сипас фаъолияти меҳнатии худро оғоз менамояд. Дар синни 18 солагӣ ӯ корманди фаъоли комсамол интихоб гардида, аввал, ба ҳайси мудири бюрои бачагон, сипас, ба сифати мудири шуъбаи маданияти комитети комсомоли ноҳиявӣ кор кардааст. Охири соли 1928 бо роҳхати комсомол барои таҳсил дар курсҳои олии ҳуқуқшиносӣ ба шаҳри Самарқанд рафта, пас аз хатми он ба ихтиёри КМ ҲК (б) Тоҷикистон ба шаҳри Сталинобод фиристода мешавад. Аз моҳи январи соли 1930 муддате ӯ дар Комиссариати халқии адлия ба сифати ёрдамчии комиссар ва баъди чанде ба ҳайси мудири шуъбаи ин комиссариат кор кардааст.

Аз моҳи апрели соли 1930 корманди ҷавон Бобоҷон Ғафуров бо тавсияи КМ ҲК (б) Тоҷикистон барои кор ба идораи рӯзномаи ҷумҳуриявии "Қизил Тожикистон" фиристода шуда, дар ин муассисаи идеологӣ ба ҳайси мудири шуъба ва ҷонишини муҳаррир ифои вазифа кардааст. Пас аз як сол (1931) истеъдоди баланди касбиашро ба назар гирифта ӯро барои таҳсил ба Москва фиристоданд.

Солҳои 1931-1935 Бобоҷон Ғафуров дар Донишкадаи Умумииттифоқии коммунистии журналистика дар шаҳри Москва таҳсил намуда, дар он ҷо аз устодони варзида, ходими намоёни сиёсиву ҳизбӣ, рузноманигорони ботаҷриба ва бомаҳорат донишу малака андухтааст. Бобоҷон Ғафуров дар байни рӯзноманигорони тоҷик яке аз нахустин шахсонест, ки ҳанӯз миёни солҳои 30-юми асри XX дар пойтахти ИҶШС-шаҳри Москва маълумоти олии касбии рӯзноманигориро соҳиб гаштааст.

Истеъдоди муҳаққиқӣ ва қобилияти ҷӯяндагии Бобоҷон Ғафуровро ба инобат гирифта, КМ ҲК (б) Тоҷикистон соли 1941 ӯро барои баланд бардоштани савияи илмӣ ба Москва мефиристад. Дар муддати на чандон тӯлонӣ, аз моҳи сентябри соли 1940 то моҳи апрели соли 1941 ӯ дар аспирантураи институти таърихи Академияи Илмҳои ИҶШС таҳсил намуда, таҳти роҳбарии шарқшиноси намоёни Шӯравӣ, олими исломшинос Е. А. Беляев дар мавзуи "Таърихи мазҳаби исмоилия аз ибтидои асри XIX то оғози ҷанги ҷаҳонии империалистӣ" бо муваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Пас аз хатми аспирантура Б. Ғафуров моҳи марти соли 1941 узви бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон оид ба ташвиқоту тарғибот ва аз моҳи майи соли 1945 котиби дуюми КМ ҲК (б) Тоҷикистон интихоб гардид. Саҳми Б. Ғафуров дар инкишофи илму фарҳанг, иқтисодиёт ва сунати давлатдории тоҷикон басо арзанда аст. Мо ифтихор аз он дорем, ки академик Б. Ғафуров на танҳо дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ба Донишгоҳи омӯзгорӣ кумак расонидааст, балки солҳои 1939-1940 ҳамчун омӯзгор аз фанни таърихи халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ дарс гуфтааст.

Бобоҷон Ғафуров солҳои 1946-1956 - котибии аввали Ҳизби Коммунистии ҶШС Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт, ки ин дар замони Шӯравӣ балантарин мансаби ҳизбию давлатӣ ҳисоб мееёфт.

Аз соли 1956 дар рӯзгори Бобоҷон Ғафуров марҳилаи нав оғоз мегардад. Олим фаъолияти тадқиқотӣ ва илмӣ-ташкилотчигии хешро ғолибан ба шарқшиносии советӣ мебахшад.

Дар миёнаи солҳои 50-ум дар таърихи шарқшиносии советӣ марҳилаи сифатан нав шурӯъ гардид. Бо кумаки амалии ӯ гурӯҳи муаллифон бори аввал таърихи халқи тоҷикро дар се ҷилду панҷ китоб навишта, солҳои 1963-1965 дар нашриёти "Наука"-и Москва чоп намуданд. Академик Бобоҷон Ғафуров муаллифи қариб 400 асару мақолаҳо оид ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумиҷаҳонӣ мебошад, ки дар нашрияҳои гуногуни дунё чоп шудаанд. Асарҳои ӯ бо забонҳои гуногун дар Деҳлӣ, Берлин, Рим, Теҳрон, Пекин, Афина, Кобул, Париж,Қарочи ва ғ. бо теъдоди зиёд ба табъ расидаанд. Бо ташаббус ва зери таҳрири ӯ танҳо бо забони англисӣ қариб 30 асар дар мавзуъҳои муҳими таърихи мамлакатҳои Шарқ нашр гардидаанд. Дар байни осори вай китобҳои бисёрҷилдаи чун "Таърихи халқи тоҷик" ва "Тоҷикон" ҷо мегиранд, ки ба тоҷикӣ ва русӣ мунташир шудаанд. Аллома Бобоҷон Ғафуров барои навиштани шоҳасари худ "Тоҷикон" миқдори зиёда аз 2000 сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, монография, брошюра ва мақолаҳои илмиро самаранок истифода кардааст. Ин китоб дар баробари "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ, "Таърихи Бухоро"-и Абӯбакри Наршахӣ, "Сиёсатнома"-и Низомулмулк чун шиносномаи халқи тоҷик барои асрҳои оянда хизмат менамояд.

Аз соли 1956 то охири умраш Ғафуров Б.Ғ. директори Инисттути шарқшиносии академияи фанҳои СССР буд. Тадқиқоти олим асосан дар се самт: омӯзиши таърих ва вазъияти ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои Шарқ, таърихи халқҳои Шарқ ва, пеш аз ҳама, давраҳои қадим ва асри миёнагии он ҷараён ёфтааст. Ӯ дар ин солҳо чандин мақола, маҷмуаҳо, ҳуҷҷату дастурҳо интишор намуд, ки ба масъалаҳои инқирози системаи мустамликадории империализм ва ташаккули давлатҳои ҷавони мустақили Осиё ва Африқо бахшида шудаанд. Ғафуров Б.Ғ. бо иштироки фаъолаш дар Конгресси 25-уми байналхалқии шарқшиносон (1960, Москва) ва бисёр дигар форумҳои байналхалқии шарқшиносон ҳамчун раиси Комитети советии оид ба лоиҳаи ЮНЕСКО - "Шарқ-Ғарб" дар вусъат ёфтани равобити байналхалқии шарқшиносии советӣ ҳиссаи калон гузошт. Ғафуров Б.Ғ. аз соли 1967 барои амалӣ гардидани барномаи тадқиқотии ЮНЕСКО аз рӯи лоиҳаи Осиёи Марказӣ ҷиддан камар баст. Маҳз тадқиқи давраи Кӯшониён ба сифати муҳимтарин масъала дохил карда шуд ва дар асоси он Конференсияи байналхалқии ЮНЕСКО бахшида ба таърих ва маданияти Осиёи Марказӣ дар шаҳри Душанбе (сентябри соли 1968) баргузор гардид. Вай раиси конферееренсия интихоб гардид ва дар мавзуи "Давраи Кӯшониён ва тамаддуни ҷаҳон" маърӯза кард. Ғафуров Б.Ғ. дар кори Конгресси 13-уми байналхалқии илмҳои таърих (1970, Москва) низ ҳиссаи калон гузошт. Ӯ раиси Конференсияи 3-юми байналхалқӣ оид ба масъалаҳои таърихи нав ва навтарин, таърихи инкишофи маданиии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои XIX-XX интихоб шуд (1972, Ашқобод) ва дар он оид ба мавзуи "Давраҳои асосии тараққиёти таъриху маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ" маърӯза кард. Ғафуров Б. муаллифи беш аз 300 асару мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавист. Хизмати Ғафуров Б. дар соҳаи рӯзноманигорӣ низ хело калон аст. Ӯ 17 сол муҳаррири маҷаллаи илмӣ ва иҷтимоиию сиёсии "Азия и Африка сегодня" буд. Ғафуров Б. кори илмиро бо фаъолияти ҷамъиятии байналхалқӣ пайваст. Ӯ Президенти Ассосиасияи байналхалқии омӯзиши маданияти Осиёи Марказӣ, раиси Комитети Шурои омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ, ноиби президенти Иттифоқи байналхалқии тадқиқот оид ба Шарқ ва Осиё, раиси Комитети Шурои миллии Ассосиасияи илмии Уқёнуси Ором, раиси Комитети якҷояи оид ба мукофоти ба номи Фирдавсӣ, раиси бунёди якдилии Осиё ва Африқо ва бисёр дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ буд.

Ғафуров Б. аъзои фахрии ҷамъиятӣ шарқшиносии Полша, доктори фахрии Институти Олиарди Ҳиндустон, аъзои хориҷии Академияи илмҳо ва санъати Босния ва Герсоговинияи Югославия, аъзои фахрии ҷамъияти Осиё дар Париж, аъзои Совети миллии Ҳиндустон оид ба алоқаҳои маданӣ интихоб шудааст. Ғафуров Б. вакили Совети Олии РСС Тоҷикистон (даъватҳои 1-3), депутати Совети Олии СССР (даъватҳои 2-7) буд. Дар анҷуманҳои XIX-XX КПСС аъзои КМ КПСС интихоб шудааст. Ӯ бо шаш ордени Ленин, орденҳои Револютсияи Октябр, байрақи Сурхи Меҳнатӣ Муғулистон, Мукофо-



*Тан ба ҷон зиндасту ҷон зинда ба илм,*
*Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.* **Н. Хисрав**



# ВА ОЛИМИ ТАВОНО

ти байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлол Неҳрӯ ва соли 1997 дар қатори аввалинҳо бо ҳамроҳи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ бо фармони Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардид.

Ба туфайли фаъолияти илмӣ-ҷамъиятии ӯ дар байни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва, хусусан, мамлакатҳои Шарқ, муносибатҳои муътадили тиҷоратии фарҳангӣ ба амал омаданд. Академик Бобоҷон Ғафуров ягона олими тоҷик буд, ки ӯро чун сиёсатмадори варзида дар миқёси ҷаҳон, хусусан дар Шарқ, хуб мешинохтанд. Шоири машҳури Покистон Файз Аҳмад Файз соли 1978 қабри Ғафуровро зиёрат карда чунин гуфта буд: "Ин фарзанди бузурги тоҷик дар асл фарзанди бузургтарини Машриқзамин мебошад". Ҳамин тавр, натиҷаи асосии заҳматҳои бисёрсолаи академик Бобоҷон Ғафуров дар соҳаи илм дар он аст, ӯ исбот намуд, ки халқи тоҷик қадимтарин халқи ориёӣ мебошад, марди оқилу хирадманд дар ташаккули худшиносии миллии халқи тоҷик саҳми худро гузошт.

Зиёда аз 20 соли (1956-1977) фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров чун сарвари Институти шарқшиносии Академияи Илмҳои ИҶШС, бе муболиға, солҳои корнамоии илмию ташкилотчигии олим ҳисоб меёбанд. Маҳз дар ин давра шарқшиносӣ чун равияи ниҳоят муҳими илмии мамлакат доимо дар мадди назари роҳбарияти Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт. Бо ташаббуси бевоситаи сарвари он, Институт ба бонуфузтарин маркази таҳлили таърихи қадим, аср-ҳои миёна ва наву муосир ва раванди мубориза миллӣ-озодихоҳии халкҳои Осиёву Африқо ба муқобили зулми мустамликавӣ табдил ёфт. Ба қалами ӯ асару мақолаҳои зиёде доир ба таърихи халқи тоҷик тааллуқ доранд, вале ду асари безаволи ӯ "Таърихи мухтасари халқи тоҷик" (соли 1947) ва "Тоҷикон" (сол-ҳои 1972, 1983, 1985 такроран рӯи нашрро дидааст) дар таърихнигории тоҷик ҳамто надоранд.

Бобоҷон Ғафуров чун фарзанди баору номус ва дилсӯзи миллат баробари фаъолияти ҳизбию сиёсӣ таърихи миллати моро офарид ва барои ҳамзабонону ҳаммиллатони худ дар олами таърих равзанае кушод. Шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров - китоби безаволи "Тоҷикон", ки имрӯз китоби рӯимизии ҳар фарди худшинос мебошад, самараи меҳнати 30-солаи олим буда, соли 1972 дар шаҳри Москва бо забони русӣ нашр гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров гуфтааст: "Асари "Тоҷикон" шӯълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллиро такмил дод".

Асари безаволи Бобоҷон Ғафуров шоҳиди он аст, ки мо дар шахсияти муаллифи он донандаи барҷастаи таърих ва, инчунин, таърихи тамоми Осиёи Миёнаро мебинем, ки асарҳояш то ба имрӯз хонандагон ва тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб мекунанд.

*Абдуллоев МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ,*
*Исмоилов ЗАФАР, ассистент*

# ВОҚЕИЯТИ "ШОҲНОМА" ВА ҲАҚИҚАТИ ФИРДАВСӢ



*Ҷумъахон АЛИМӢ – мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон*

Қаблан бояд мутазаккир шуд, ки Фирдавсӣ як мусалмони комил буд ва ҳамзамон миллату наждашро хеле ва хеле парастиш менамуд. Сар то пойи "Шоҳнома" Ҳаким Фирдавсӣ консепсияи офариниши Одам ва Оламро сирф бо такя ба усулу асосҳои Қуръони Карим ба қалам дода, таъкиду эътироф ҳам кардааст. Мунтаҳо, исломӣ будану мӯъмину мусалмон будани Ҳаким Фирдавсӣ чунин мухтавою маънӣ дошта наметавонад, ки ӯ саропо тамомии аъробро эътироф кунад ва тасхиру тасарруф кардани дигар миллияту нажодҳоро тавассути сипоҳу силоҳ бардошт ва таҳаммул карда тавонад, чаро ки баъдан дар замонҳои мухталифи садаҳои нахусти зуҳури Ислом кор то ҷое расида буд, ки аъроб даст аз тарғибу ташвиқи дини навини мубин бардошта, шурӯъ ба қатлу куштор ва нобуд сохтани фарҳангу осору ёдгориҳои мардумони ғайриараб мезаданд, ки чунин рафтору кирдору пиндорҳо то ҷое, ки мутталеъ ҳастем на дар худи Китоби Муқаддас зикр гаштаасту на дар аҳодиси набавӣ. Инсонҳо ҳам гурӯҳ-гурӯҳ имон меоварданд, вале на ба зӯри сипоҳу силоҳ. Имон овардан бо қалбу шууру тафаккур дигар буду тавассути корбурди зӯри бозуву сипоҳу силоҳ дигар, ки онро на гумонам паёмбар мехосту на мӯътақидини солиму ӯ. То ҷое, ки воқиф ҳастем, Фирдавсӣ ҳатто яке аз идеологҳои асосии таълимоти "шуубия" (тибқи оёти Қуръо-ни Карим "шуубия" - ба



маънии мардуми "ғайриараб", "аҷамиён") аст, ки мухолифат бо усулу шевоҳои ҳокимияти сиёсию фарҳангии арабҳоро доштанд, мунтаҳо чун таълимоти Қуръон баробарию бародариро талқин мекард ва шурӯъ аз замони уммавиён сиёсати хосаи арабикунонӣ шиддат гирифта буду мардуми ғайриараб мавриди таҳқиру тавҳин қарор мегирифтанд, иддае аз мутафаккирини ғайриараб, хосатан ориёинажодону форсизабонон то метавонистанд ба субут мерасониданд, ки онҳо ҳам нисбати Худованду Қуръону Расули Акраму (С) аҳодису саҳобагон мӯътақиданд, вале фарҳангу маданияти иронитаборонро болотар аз аъроб мегузоштанд. Муслиму мӯъмин будан низ гумон намекунам, ки маънии "араб" буданро дошта бошад, чаро ки Умавиён дар баробари "исломикунонӣ" ҳамчунин даст ба "арабкунонӣ"-и ақвоми дигар ҳам мезаданд, ки мухолифатҳоро ба бор оварда буд. Яке аз ин гуна ашхоси мухолиф Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ буд. Дар ин самту соҳа Ҳаким Асадии Тӯсӣ низ достоне таҳти унвони "Мунозираи арабу аҷам" таълиф карда, ки он аз

*(Идомааш дар саҳифаи 4)*

# • Шеъри рӯз



*Давлат Сафар*

### БА ИСТИҚБОЛИ ТАШАББУСИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОБИ НАШР ВА РАСОНИДАНИ ШОҲНОМА"-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ БА ҲАР ХОНАДОН

*Ба ҳафтод пушташ дуруду сипос,*
*Ба дарёниҳоду ба гавҳаршинос!*

*Дуруди Худои ҷаҳонофарин,*
*Фаровон ба номи чунин тахтшин.*

*Дуруд аз табори Каюмарсшоҳ,*
*Ки бар тахтдорӣ кушодааст роҳ.*

*Ситоиши беҳад зи номи Ҳушанг,*
*Ки бар шиша бинҳод таҳдоб санг.*

*Зи Ҷамшед бодо дуруди зиёд,*
*Ки аз Пири тӯсӣ фаро гашт ёд.*

*Сипос аз Фаридуни аврангу роҳ,*
*Манӯчеҳру Нӯзар, зи Ковусшоҳ.*

*Дуруду сано ҳам зи Афросиёб*
*Ба номи накӯи Ҷалолатмаоб.*

*Ҳумону Ҳумойю ҳумоюнпараст,*
*Ки аз пушти Пирон гирифтанд даст,*

*Сипоси фаровон зи онон расид,*
*Чунин ҳотамиро, ки Ҳотам надид.*

*Аз ин баъд Рустам шиносад, яқин,*
*Зи Сӯҳроб меҳраш алорағми кин.*

*Сиёвуш дигар сияҳ аз сафед,*
*Ҷудо карда, донад кадом аст умед.*

*Дигар Ардашеру дигар Ардамеҳр,*
*Надоранд армон ба доми сипеҳр.*

*Зарандуд гардад ҳавои камар,*
*Нафас баркушояд аз он Золи Зар.*

*Зи Баҳрому Баҳман, зи Исфандиёр,*
*Дуруду ситоиш бувад беканор.*

*Гузаштам аз он раҳ, ки бе чангу дуд,*
*Расондам паёми диёри дуруд.*

*Аз иқдомҳои Ҷалолатмаоб,*
*Дили шаҳсаворон чи хуш хурд об.*

*З[illegible] "Шаҳнома" омад садо инчунин:*
*"[illegible]и Хотам надорад ҷило бе нигин.*

*[illegible]макдони миллат кафи дасти ӮСТ,*
*[illegible]куҳу ҷалолаш ба мо обурӯст!"*

*Ғам махӯр, эй дӯст, чу ғамхор ҳаст,*
*Гардани ғам бишкан, агар ёр ҳаст. О. Ҳиротӣ*



*(Идома аз саҳифаи 3)*

доираи нигориши мо берунтар аст. Шуубиён, аз ҷумла, Ҳаким Фирдавсӣ ҳам, баробарии арабу аҷамро талқин ва эътироф мекарданд, мунтаҳо ҷун аъроб ба таҳқиру тавҳини аҷамиён пардохтанд, як навъ муқовиматҳои тафаккурию фарҳангӣ низ зуҳур кардан гирифтанд. Мутафаккирон ва шуарои он давру замон - Ҳаримӣ, Мутаваккилӣ, Башшор ибни Бурд ва чанде дигарон ба сурудани ашъори форсию тоҷикӣ даст заданд. Ҳатто номаҳои тавоҳ аз ҷараёни ҳосаи уосии шуубия, аз қабили Ҳамиди Бахтакон, Саҳл ибни Мишонӣ, Аълони Шуубӣ, Абуубайда ва чанде дигарон ба таълифи осору кутуби сирф шуубӣ даст зада буданд. Ҳадафи аслию асосии шуубиён, минҷумла, Ҳаким Фирдавсӣ ҳам - нишондоди афзалияти фарҳангу илми аҷамиён дар таносуб бо аъроб буд ва Ҳаким Фирдавсӣ ҳам сирф бо назардошти усулҳои асосии шуубия даст ба таълифи "Шоҳнома"-и худ зада буд. Яъне Ҳаким Фирдавсӣ сирф як мусалмони комил буд, мунтаҳо афзалияти фарҳангу маърифати арабро бар аҷам эътироф намекард.

Воқеият ин аст, ки "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсиро ҳам наметавон пурра аз мавқеи таърихшиносӣ инкор кард ва ҳам наметавон ҳамчун як шоҳасари воқеии таърихӣ пурра ҳам тасдиқ кард, чаро ки дар он воқеиятҳои таърихӣ ҳам сабт шудаанд ва ҳам бо истифода аз тафаккуру тахайюли худ Ҳаким Фирдавсӣ воқеъ ва ҳаводиси нашудаю набударо ҳам ба риштаи тасвир кашидааст. Нахустин дафъа муҳаққиқи эронӣ Забиҳуллоҳи Сафо роҷеъ ба ташаккул ва таҳаввули достону ҳамосаҳо мулоҳиза ронда, минҷумла, "Шоҳнома"-ро ба се қисмат ҷудо намудааст: қисмати устуравӣ, қаҳрамонию паҳлавонӣ ва таърихӣ (Забеҳуллоҳи Сафо. Ҳамосасарой дар Ирон.- Теҳрон, 1333 ш.). Таҳқиқ ва тадқиқи қисмати таърихии ин шоҳасар ба хонанда имкон медиҳад, ки оид ба диду дидгоҳ ва ҷаҳонбинии Ҳаким Фирдавсӣ тасаввуроти мушаххасе ҳосил намояд. Худи муқоисаи "Шоҳнома" ва солномаҳои таърихии қаблӣ имкон медиҳад, ки раванди ташаккул ва таҳаввули мавқеъгириҳои мутафаккир пайгирӣ карда шавад. Дар робита бо қисмати таърихии "Шоҳнома" ҳамдиёрони гиромӣ қабл аз ҳама бояд бо ёдгории адабиёти паҳлавӣ - "Корномаи Ардашири Бобакон", солномаҳои арабии "Таърихаррусул вал-мулук"-и Абу Ҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, "Таърих Ал -Яъқубӣ"-и Аҳмад Ал-Яъқубӣ, "Муруҷ-уз-заҳаб"-и Абу Ҳасани Масъудӣ, "Ғурар ахбор мулук-ул-фурс"-и Абу Мансури Саъолибӣ, солномаҳои юнонии "Таърихи ҷангҳои румиҳо бо порсҳо"-и Прокопий Кесари (Қайсарӣ), "Таърих"-и Феофлакт Симокатт ошноӣ пайдо кунанд, то хулосаи амиқу дақиқе баровaрда тавонанд.

Хеле барвақт рӯшан шуда, ки таърихи Давлати Сосониён ҳануз то таълифи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар бисёре аз ёдгориҳои хаттӣ таҷассум ёфта буданд. Масалан, дар "Худойномак" ин масоил мавриди тасвиру тафсир қарор дода шуда буданд. Ҳатто гуфта мешавад, ки худи ин асар ба забони арабӣ нуҳ маротиба тарҷума ҳам гаштааст. Дар достон оид ба Ардашери Бобакон агар Фирдавсӣ хабар диҳад, ки ӯ писари Сосон ва набераи Бобак (Попак) аст, пас солномаҳои арабӣ роҷеъ ба ин масъала ахбори мушаххасу муфассалтаре ироа намудаанд ва роҷеъ ба ин катибаҳои Каъбаи Зардушт ҳам шаҳодат дода метавонанд. Дар достон оид ба Шопур Фирдавсӣ набард ва ҳарбу зарбҳои ӯро бо румиҳо тасвиру тасаввур карда, ишора ҳам мекунад, ки зимни яке аз ҳарбҳо Шопур тавонист яке аз сипаҳсолорони румиҳоро бо номи Баронуш ба асорат даровард. Табарӣ бошад дар "Таърихи Табарӣ" хабар медиҳад, ки Шопур ҳатто худи императори румиҳоро бо номи Алирянус ба асорат даровaрда буд. Ногуфта намонад, ки Баронуш ва Алирянус номи таҳрифшуда ва ё шакли дигари ҳамон номи императори румиҳо дар шакли Валериана мебошад. Масалан, агар Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" зуҳури Мониро мансуб ба замони ҳокимияти Шопури Зулактоф донад, пас Табарӣ, Масъудӣ ва Яъқубӣ ин паёмбарро ҳамзамони Шопури Ардашер медонад. Фақат Саъолибӣ ин воқеаро мансуб ба замони ҳокимияти Баҳроми Ҳурмузд медонад. Нисбати тасвиру тасаввури ҳолу аҳволи Баҳроми Гӯр ҳам байни Фирдавсӣ ва дигар муаллифин тафовутҳое ҷиддӣ ба мушоҳида мерасанд. Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки муносиботи байни Баҳроми Гӯр ва падараш Яздигурд як навъ муташанниҷ гашта буданд. Аммо солномаҳои таърихӣ ва осори арабӣ ин далелро радду инкор намудаанд. Гузашта аз ин, Фирдавсӣ ҳафтдаҳ қиссаеро оид ба Баҳроми Гӯр изофа ва ворид намудааст, ки дар дигар манбаъҳои таърихӣ, хосатан, арабиасос, вуҷуд надоранд. Худи қисса оид ба Ануширвон ва вазири дарбори ӯ - Бузургмеҳр фақат қисман дар "Ғурур-ахбор" зикр шудаанд. Қисса ва ё достони ҷолиби ишқ ва муҳаббати Хусраву Ширин дар осори арабиасос ҳазф шудаанд. Осори таърихии арабӣ, юнонӣ, арманӣ ва суриёнӣ фақат оид ба ҷамоли беҳамтои Ширин ҳикоят кардаанду тамом. Яъне дар ин робита як навъ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ҳакими Тӯс зимни таълифи "Шоҳнома" аз манбаъ ва сарчашмаҳои хеле мутааддиде истифода намудааст ва ҳоху ноҳоҳ тафовуту номувофиқатҳо дар ин мавридҳо рӯй медиҳанд. Ҳатто байни уламо имрӯз низ баҳсе вуҷуд дорад, ки оё воқеан ҳам Фирдавсӣ забони паҳлавиро балад буд ё на? Масалан, агар В.В. Бартолд ва Дармстетер Ҳакими Тӯсро донандаи забони паҳлавӣ ҳисоб карда бошанд, пас В.Р. Розен ва А.А. Стариков оид ба ин масъала шубҳаҳо доранд. Зикр карда мешавад, ки Ҳакими Тӯс ба бойгонии маъруф ва китобхонаи Дижи Ҷис дастрасӣ ва иҷозат дошт ва гумон меравад, ки ӯ аксаран маводу маълумоти зиёдеро зимни таълифи "Шоҳнома" аз он ҷо мавриди истифода қарор додааст. Дар ҳар сурат бояд мутазаккир шуд, ки қиссаю достонҳо оид ба Пирӯз, Анушервон, Баҳроми Ҷӯбина, Густаҳм, Биндуй, Хусрави Парвиз, Ширӯя ва чанде дигарон, ки дар "Шоҳнома" оварда шудаанд, аксаран бо маълумотҳои осори таърихии қадимаи арманӣ, юнонӣ, арабӣ ва суриёнӣ мувофиқат мекунанд ва тафовутҳо фақат мансуби масоили ҷузъӣ мебошанд. Мунтаҳо, нуктаи муҳим он аст, ки Фирдавсӣ бо эҳтимоли қавӣ аз тарҷумаи арабии "Худойномак", "Шоҳнома"-и Мансурӣ ва "Таърихи Табарӣ" ба тариқи ҷиддӣ истифода намудааст.




Аммо набояд мустасно бошад, ки Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" бештар аз пешиниён такя ба суннату анъаноти шифоҳӣ низ кардааст. Масалан, Нелдеке зикр намудааст, ки Фирдавсӣ қиссаю достонҳоеро медонистааст, ки ҳатто Саъолибӣ аз онҳо бехабар буда (Noldeke Th. Das iranishe Nationalepos, 2. Aufl.-Ipz, 1920).

Дар ҳар сурат мӯътамад будани ҳаводис ва вақойеи дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ оварда шударо муҳаққиқини зиёде тасдиқ кардаанд. Масалан, дар асари таърихии "Муҷмал-ут-таворих" қисмати зиёди ҳаводиси таърихӣ марбут ба Ирони Бостон дар асос ва бо такя ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, аксар муҳаққиқин бар ин ақидаанд, ки дар тамомии достону қиссаҳои устуравӣ, паҳлавонӣ ва таърихии "Шоҳнома" воқеиятҳои таърихӣ ҷой доранд, мунтаҳо дар қисмате камтар ва дар қисмате зиёдтар, чаро ки худи талабот ва меъёрҳои таълифи осори манзуму мансур аз он иборат аст, хоҳ-ноҳоҳ нависанда ва ё адиб аз тахайюли адабию бадеӣ зимни офаридани асараш истифода хоҳад кард. Хосатан, зимни офариниши чунин шоҳасаре ба мисли "Шоҳнома" низ Ҳакими Тӯс наметавонист аз тафаккуру тахайюли инфиродӣ худдорӣ варзад.

Худи Ирони Бостон ҳам то ташаккули Давлати Сосониён бештар аз музофоту ҳудудҳои мутафовити мустақиле низ набояд буда бошад, зоҳиран тобеъ ва дар итоати Аршакиҳо ҳисоб мешуданд. Гуфта мешавад, ки Бобак (Попак) писари Сосон нахуст ҳокими Дижи Доробгирд гардида, баъдан дар муддати кутоҳе ба давлати минбаъдаи бузурги худ Марв, Балх, Хоразм, Ироқ, Бобулро ворид мекунад. Агар қисмате аз муҳаққиқин шаҷара ва ё наслҷӯи ниёкони Ардаширро, ки "Корномак" мансуб ба Ҳахоманишҳо медонад, мутааллиқ ба Сосон -Попак-Ардашир медонанд, Фирдавсӣ бошад, зикр мекунад, ки Дорои Саввум, ки дар набарде ба ҳалокат расида буд, писаре дошт бо номи Сосон, ки баъдан дар Ҳинд фавтид ва дар чорумин насли баъдинаи он боз кӯдаке мутаваллид гашт, ки Сосон ном дошт ва маҳз ӯ падари Ардашир мансуб аст. Ҳамин тариқ, қисмати калоне аз муҳаққиқин Ҳакими Тӯсро дар масоили таърихнигорӣ, хосатан, нигориши таърихи Сосониён муаррих ва муҳаққиқи босалоҳияттарин шумурдаанд.

Тасвирҳою тасаввурҳои Фирдавсӣ ба сифати яке аз аз мусалмонони комил оид ба офариниши одаму олам сирф мансуб ва мутааллиқ ба Ислом ва Қуръон мебошанд. Мунтаҳо, набояд фаромӯш кард, ки дар "Шоҳнома" Ҳакими Тӯс аксаран ҳаводис ва воқеъеро ба риштаи назм кашидааст, ки қабл аз зуҳури паёмбар ва ислом ба вуқӯъ пайвастаанд ва аксари симою чеҳраҳое, ки муаллиф дар шоҳасараш овардааст, мансуб ба зардуштия будаанд. Ғояи муқовимат ва мубориза байни бадию некиро, ки Фирдавсӣ тавсиф кардааст, ҳамчунин берун аз таълимоти Ислом ва Қуръон ҳам буда наметавонад. Сар то пойи "Шоҳно-ма"-и Фирдавсӣ низ қазою қадар ва сарнавишту тақдири қаблан мушаххасу муйяншударо эътироф мекунад. Масалан, тамомии шикасту пирӯзиҳо, фарозу шебҳои Сосониёнро Ҳакими Тӯс дар тақдиру сарнавишти онҳо дидааст. Яъне касе имрӯз ҳаққу ҳуқуқе надорад Фирдавсиро кофир эълон намояд, ӯ воқеан ҳам як мӯъмин ва мусалмони комил буд, ки дар баробари мӯътақид будан ба Ислому Қуръон аз миллату нажоду ниёкони худ ифтихоре хоса дошт. Фақат бояд эътироф кард, ки Ҳакими Тӯс аз мавқеъи идеологияи шуубия ба ҳаводису вақоеъ назар мекард, ки ин таълимоту идеология дар навбати худ мухолиф бо идеология ва таълимоти хилофатҳои аъроб буд, вале на дини мубини Ислом ва на Қуръон. Худи таълимот, идеология ва ё ҷараёни шуубия, ки Ҳакими Тӯс яке аз пайравони ҷиддии он буд дар асари сиёсатҳои нодуристу иштибоҳии Банни Уммая зуҳур карда буд. Фирдавсӣ бояд ба эътибор гирифт, ки таърих у фарҳанг ва илму маърифати ориёинажодонро болотар ва афзалтар аз таърих у фарҳанг ва илму маърифати соминажодон (яҳудон ва ҳам аъроб) гузоштааст. Худованд ҳам, ки паёмбарони қаблиро аз қавмҳои сомию Банни Исроил баргузида бошад, пас ин дафъа ҳам паёмбарро аз қавми араб, вале боз ҳам наждои сомӣ (семитская расса) баргузида. Фирдавсӣ бошад то замони худ замони салтанати Сосониёнро замони шукуфоӣ ва рифоҳи ориёиён дониста буд. Фақат гумонам, Фирдавсӣ замоне аъробро дар масоили фарҳангию маърифатӣ поёнтар аз ирониён медонад, аз он маншаъ мегирад, ки агар қисмате аз қавму миллатҳои ғайриараб дини мубини исломро тавассути тарғибу ташвиқ қабул карда бошанд, қисмате дигар дар даҳаю садаҳои минбаъда тахти қатлу фавтҳо, фалокату ҳалокат-ҳо, тохтутозу юришҳо қабул намудаанд, ки ин ҳангом дигар на саҳҳобаҳо вуҷуд доштанду на тобеъин. Бандаро ҳанӯз бист сол қабл муяссар гашта буд, ки аз оромгоҳҳои Ҳофиз, Саъдӣ, Шайх Аттор, Ҳоҷу, Умари Хайём, Абул-қосими Фирдавсиро зиёрат кунам. Зимни зиёрати оромгоҳи Ҳакими Тӯс дидам, ирониёне ҳам, ки нисбати қисмате аз мо мутаъаййинтари ботақвотар ҳастанд, Фирдавсӣ ва рӯҳу равони ӯро мавриди иззату икром қарор медиҳанд.

Дигар чӣ афзун кунем, ки беҳтар аз мо Забеҳуллоҳи Сафо, Маликушшуарои Баҳор, Нёлдеке, Османов М., Массэ А., Тревер К. В., Розен В. Р., Иностранцев К. А., Бартолд В. В., Сарромӣ, Музаффари Муҳаммадӣ ва чанде дигарон гуфтаанд. Фирдавсӣ бошад аз нигоҳи банда фақат таносуби миллияту диниятро хеле хубтар аз мо дарку фаҳм мекарда.

Ахиран, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман нияти неки худро ибroз доштанд, ки "Шоҳнома"-и безаволро барои кулли сокинони кишвар нашр ва тақдим карданианд, ки аз назари мо ин кори хайру савобе буда, дар таҳкиму тақвияти худшиносӣ ва худогоҳӣ нақши боризе хоҳад дошт!

*Ба дӯстон, гарчи азиз аст, рози дил макушо,*
*Ки дӯст низ бигӯяд ба дӯстони азиз. С. Табрезӣ*



# ҲХДТ-РАҲНАМОИ МАРДУМ БА СӮИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

Ба ҷомеаи мутамаддин мусаллам аст, ки дар ҳар давру замон башарият дар ҷодаи давлатдориву давлатсозӣ ба маҷмӯи андешаҳои созандаву бунёдкор ва тахрикдиҳанда ба сӯйи пешрафт ва фардои дурахшон зарурат дорад.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият роҳи бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёдро интихоб намуд, ки яке аз принсипҳои меҳварии бунёди чунин ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ аст. Дар асоси талаботи ҷомеаи демократӣ ташкилоту ҳаракатҳои сиёсӣ одамони ҳамфикру ҳамақидаро бо ҳам муттаҳид менамоянд ва онҳо дар чаҳорчубаи қонунгузории кишвар ҳуқуқ доранд ҳизби сиёсӣ таъсис диҳанд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули андешаи марди хирадойин ва дурандешу бунёдкор- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Идеяи таъсиси ҳизби нави сиёсиро, ки фарогири ҳарчи бештари манфиатҳои давлат ва миллат бошад маҳз дар ибтидои соли 1993 Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуда буд.

Вобаста ба ин 12 июни соли 1993 Кумитаи тадорукот низ таъсис дода шуд. Кумитаи тадорукотӣ ҳуҷҷатҳои ташкилии ҳизбҳои навтаъсиси демократии Русия, Ҳизби сотсиал-демократи Олмон, Ҳизби демократии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва як қатор ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии дунёро омӯхта, ба хулосае омаданд, ки ҳизби нав бояд моҳияти халқиву демократӣ дошта бошад.

Пешвои миллат пайваста таъкид мекарданд, ки ҳадафу мақсадҳои ҳизби нав бояд аз моҳияти иҷтимоии доштаи давлати мо сарчашма гирад ва он бояд пеш аз ҳама ниёзҳои иҷтимоии саросари аҳолии мамлакатро баровварда созад.

Дар як шароити мушкили сиёсӣ Сарвари давлат шахсан дар ҷараёни таъсиси ҳизб қарор дошт ва ҳар як санади ташкилии ҳизбро бевосита мутолиа ва таҳрир карда, барои такмили он дастуру супоришҳо медоданд. Ҳадафи Роҳбари давлат аз он иборат буд, ки ҳизби нав ҷавобгӯи манфиатҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа бошад.

Қарор дода шуд, ки дар Оиннома ва Барномаи ҳизби нав меъёрҳои демократӣ ҳамчун асос қабул карда шаванд.

Ҳамин тавр ҳадафҳои мазкурро Кумитаи тадорукотӣ дар ҳамаи минтақаҳо тарғибу ташвиқ карда, паҳлуҳои муҳиму аҳамиятноки онро ба мардум мефаҳмонданд.

Бо чунин мақсад 10 декабри соли 1994 Анҷумани муассисони ҳизб дар бораи ташкилёбии Ҳизби Халқии Тоҷикистон қарор қабул намуда, Оиннома ва Барномаи онро тасдиқ кард. 15 декабри соли 1994 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳизби Халқии Тоҷикистонро тахти №199 расман ба қайд гирифт.

25 июни соли 1997 дар Анҷумани 3-юми Ҳизби Халқии Тоҷикистон доир гардида, ибораи "Демократия" ба номи ҳизб ворид карда шуд ва аз ҳамон замон Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ном бурда мешавад ва 18 апрели соли 1998 дар Анҷумани 4-уми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро расман раиси ҲХДТ интихоб намуданд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби созанда, бунёдкор ва пешгом дар як давраве ташкил ёфт, ки ҷомеа ба бӯҳрони амиқи идеологӣ дучор гардида, ба ташкили нерӯи сиёсие барои ислоҳи чунин вазъ ниёз дошт. Ин нерӯи сиёсӣ бо номи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба майдони сиёсат омад ва тавонист бӯҳронҳои идеологӣ ва сиёсиро аз байн бурда, ҷомеаро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ раҳнамо гардад. Яъне Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои созанда ва зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нерӯи солими сиёсӣ табдил ёфта, ҷомеаро муттаҳид кард ва ба оиндаи дурахшон умед бахшид.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба хиради олии сиёсӣ, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва маънавиёти баланди аъзои худ такя намуда, донишу маҳорати онҳоро ба амалӣ гардонидани ғояҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои барномавии хеш сафарбар менамояд. Ҳамчунин ба таҳкими истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мусоидат мекунад.

Имрӯзҳо мо дар шароити мураккаби ҷаҳонӣ қарор дорем: аз ҷумла бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва ба даст овардани захираҳои табиӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳалаи нави "ҷанги сард", пурзур гаштани муборизаҳои иттилоотӣ ва ҷиноятҳои киберӣ, ҳамзамон тағйирёбии иқлим ва мушкилоти вобаста ба он, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва мушкилоти дигар зиндагии тамоми мардуми сайёраро сангин кардааст, ки дар сад соли гузаштаи инсоният бесобиқа мебошад.

Дар чунин шароити мураккаб, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши созгор дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум саҳми назаррас мегузорад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо сохторҳои ваколатдори соҳаҳои гуногун ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва марҳила ба марҳила беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар маркази диққат қарор дода, дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоӣ, беҳсозии вазъи муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардонидани шароити оилаҳои серфарзанд, ҷудо намудани кумакҳои иловагӣ ба ятимону маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа мусоидат менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар амалӣ гаштани се ҳадафи тақдирсози стратегии ҷумҳурӣ: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ нақши босазо гузошта, дар амалӣ гаштани ҳадафи чаҳоруми стратегӣ- "Саноатикунонии босуръати кишвар", гомҳои устувор монда истодааст.

Кумитаи Иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Олимон"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубадуллоҳи Рӯдакӣ яке аз муассисаҳои сераъзо ва муваффақи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ба шумор рафта, то имрӯз 356 нафар омӯзгорону кормандони муассиса ба сафи ҲХДТ шомил шуда, ҳама дастуру ҳидоятҳои Роҳбарияти олии ҳизб ва сиёсати давлатии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо тамоми ҳастӣ ҷонибдорӣ намуда, муҳтавои онҳоро тавассути ҳонишҳои сиёсӣ ба самъи сокинони минтақа мерасонад. Лозим ба ёдварист, ки дар соли ҷорӣ (2023) то имрӯз 31 нафар аъзоёни ҲХДТ дар КИ ибтидоии ҳизбии "Олимон" рисолаи номзадии худро бо муваффақият ҳимоя намуданд, ки ин дастоварди бисёр бузург маҳсуб ёфта, нисбати ҳамин давраи соли 2022 як баробар зиёд мебошад.

Бо мақсади тарбияи дурусти ҷавонон дар рӯҳияи ватандустӣ, хештаншиносӣ, бедор намудани ҳисси меҳанпарастӣ ва ҳифз намудани дастовардҳои даврони Истиқлолият аз ҳисоби ҷавонон дар назди Кумитаи Иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Олимон"-и Донишгоҳ намояндагии ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" фаъолият карда истодааст, ки он беш аз 500 аъзоро дар бар гирифта, ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандустию худшиносии миллӣ ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав тавассуи баргузории аксияҳо саҳми намоён мегузоранд.

Дар воқеъ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дастовардҳои пешқадами афкори ҷомеаро эҷодкорона татбиқ намуда, манфиатҳои мардумро новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ ва муносибаташ бо дин дастгирӣ менамояд ва беҳтарин анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро эҳё ва ҳифз месозад. Ҳизб ҳама гуна таассуби динӣ, экстремизми сиёсӣ, терроризм ва ифротгароии сиёсиро маҳкум намуда, ба муқобили ин зуҳуроти манфӣ мубориза мебарад.

Бояд гуфт, ки Ҳизби Халқии Демократиии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби масъулиятшинос, пешгом, созанда, бунёдкор ва пайрави арзишҳои демократӣ, ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ифтихори ватандорӣ ва асолати миллӣ, таъмини ризоияти ҷомеа тавассути ҷалби шаҳрвандон ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши басо созгор дорад.

Бо камоли мамнунияту ифтихор ва муҳаббату садоқати фарзандӣ 29-ҳумин солгарди Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба кулли ҳамсафон, алалхусус ба раиси муаззами ҳизб, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳизбиёни гиромӣ шодбош мегуем!



*Исфандиёр Бадалов-муовини раиси КИ ибтидоии ҳизбии "Олимон"-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# БОЯД ДОНИСТ!

Шояд хонандаи гиромии мо ҳангоми ба даст гирифтани рӯзнома ба худ суоле медиҳад, ки чаро ин рӯзнома "Анвори дониш" номгузорӣ шудааст? Дар ин робита ва посух ба пурсиши мазкур матлаби Мирзоев Ғоиб, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони донишгоҳ, ки ҳанӯз дар шумораи нахусти ҳамин рӯзнома аз 01.09.1994, №1 таҳти унвони "ЧАРО "АНВОРИ ДОНИШ"?" рӯйи чоп омадааст ва дар баёну шарҳи номгузории рӯзнома нуктаи ҷолиб аст, ба хонандаи гиромӣ пешниҳод менамоем.

**ЧАРО "АНВОРИ ДОНИШ"?**

Дар байни мардум мақолест маълуму машҳур: "Номи зебо - ними ҳусн". Муассисони нахустин ҷаридаи касирулинтишор ва тозабунёди донишгоҳ низ ба ҳамин суханони халқ такя карда, ба он "Анвори дониш" ном ниҳодаанд. Ин номи равон, зебою муносиб ба мақсаду маром, вазифаю таъинот ва мазмуну мундариҷаи рӯзнома комилан мувофиқат менамояд. Бо боварии тамом метавон гуфт, ки он барои устодон, шогирдон ва хонандагони арҷманд тарғиботчӣ ва паҳнкунандаи равшаниҳои илму маърифат, нурҳои фарҳангу дониш ва шугуфаҳои аклу хирад хоҳад гашт.

Ибораи "Анвори дониш", ки ҳамчун исми рӯзнома интихоб шудааст, аз ду калима: "анвор" ва "дониш" таркиб ёфтааст. Онҳо дар забони адабии тоҷик серистеъмол аст ва аз ҷиҳати бароmади таърихиашон гуногун мебошад. Калимаи "анвор" таърихан арабист ва хеле барвақт ба таркиби луғавии забонамон ворид гаштааст:

**Оташ, ки бувад муфизи анвор,**
**Бар кӯҳи баланд дар шаби тор.**
**А. Ҷомӣ**

Бояд гуфт, ки дар забони арабӣ решаи калимаҳоро ҳамсадоҳо ташкил медиҳанд ва аксари ин решаҳо аз се ҳамсадо иборатанд. Бо тағйир ёфтани садонокҳои дохили калимаҳо шаклу луғоти нав сохта мешаванд. Аз ҷумла, решаи "анвор" нвр мебошад, ки аз он бо ҳамроҳ кардани садонокҳои мухталиф шаклу калимаҳои зиёде пайдо шудаанд ва як қисмашон ҳоло дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд: навр, нор (дурахшидан, рушноӣ додан), анвор (ҷамъи нур), анвар (равшангар), нур (рӯшноӣ), найир (нурпошанда), нуронӣ (дурахшон), манор манора (ҷои нур), танвир (равшан кардан) ва ҳ. Тавре ки дидем, "анвор" ва "нур" калимаҳои ҳамрешаанд. "Анвор" (ҷамъи нур) яке аз қолабҳои шакли ҷамъи шикастаи исмҳои забони арабӣ аст. Ин тарзи ҷамъбандии арабӣ дар забони тоҷикӣ кайҳо қабул шудааст. Масалан, исмҳои ашхос (ҷамъи шахс), атфол (ҷамъи тифл), ашкол (ҷамъи шакл), ашъор (ҷамъи шеър), алтоф (ҷамъи лутф), аквом (ҷамъи қавм), аҳзоб (ҷамъи ҳизб) ва ғ. низ бо ҳамин қолаб ҷамъ баста шудаанд. Луғати сохтаи тоҷикии "дониш", ки аз асоси замони ҳозираи дон ва пасванди -иш сурат гирифтааст, ба маъниҳои илм, фарҳанг, ақл ва хирад молик будани он дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" низ зикр ёфтааст. Аз "дониш" калимаҳои бисёре дар захираи луғавии забон ба амал омадаанд: донишҷӯ, донишомӯз, донишвар, донишманд, донишгар, донишпарвар, донишкарин, донишандӯхта, донишалфанҷ, донишбахр, донишмазӣ, донишпажӯҳ, донишпараст, донишфазой, донишшиор, донишкада, донишгоҳ ва ғ.

Ҳамин тариқ, "Анвори дониш"-ро нурҳои илму маърифат, равшаниҳои фарҳангу дониш ва ақлу хирад бояд тавзеҳ дод.

*Мерасонад ақл ҳар касро ба меъроҷи қабул,*
*Гавҳари шоистагиро ақл бошад обрӯ.* *Б. Туркман*



# РУССКИЙ ЯЗЫК - СТЕРЖЕНЬ ФОРМИРОВАНИЯ ПОЛИЛИНГВАЛЬНОГО И ПОЛИКУЛЬТУРНОГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО

В условиях интенсивного развития международного сотрудничества и интеграции Республики Таджикистан в мировое сообщество растет потребность в специалистах, хорошо владеющих русским языком и способных продуктивно его использовать в реальных ситуациях повседневного и профессионального общения. В связи с этим важным становится принятия эффективных мер по дальнейшему совершенствованию форм и методов преподавания и русского языка как важного средства международного и межнационального общения.

Сегодня особенно важным среди многих правительственных законодательных документов, определяющих государственную политику в области языкового образования и подготовки высококвалифицированных кадров, являются программы "Совершенствование преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан" (2004-2014 гг.; 2015-2020 гг.; 2021-2030 гг.). Главная цель данных программ - это осуществление важных задач, среди которых особое место отводится совершенствованию процесса обучения, научно-методической разработке вопросов изучения русского языка, созданию полноценных государственных образовательных стандартов, учебных программ, планов, учебников нового поколения, учебных пособий.

Представленные программы сосредоточены на эффективную реализацию поставленных перед образовательными учреждениями целей и задач в плане практического усвоения русского языка, обеспечения межкультурной коммуникации, качества содержания обучения, способствующего созданию поликультурной и полилингвальной среды.

Как известно 18 декабря 2020 года на Совете глав государств стран - членов Содружества Независимых Государств было принято решение об объявлении в СНГ 2023 год Годом русского языка как языка межнационального общения. На заседании глав правительств Совета СНГ был утвержден план мероприятий Года русского языка на пространстве Содружества. План мероприятий был разработан во исполнение решения совета об объявлении в СНГ 2023 года Годом русского языка как языка межнационального общения. Документ содержит более 150 пунктов.

Русский язык в Таджикистане на протяжении многих лет выполняет роль межнационального общения. В качестве официального языка он является стержнем, формирующим полилингвальное и поликультурное образовательное пространство в республике, фактором когнитивного и интеллектуального развития, обеспечивающим возможность школьников и молодежи в самореализации в условиях многонационального поликультурного государства.

Обучение на полилингвальной основе способствует совершенствованию общей языковой подготовки и владения родным и иностранными языками в специальных предметных целях, углублению предметной подготовки и расширению сферы межкультурного обучения и мотивации к изучению родного и иностранного языков.

В условиях интенсивного развития международного сотрудничества и интеграции Республики Таджикистан в мировое сообщество растёт потребность в специалистах, хорошо владеющих русским языком и способных продуктивно его использовать в реальных ситуациях повседневного и профессионального общения. В связи с этим важным становится принятия эффективных мер по дальнейшему совершенствованию форм и методов преподавания и изучения русского языка как важного средства международного и межнационального общения. Принимаемые позитивные меры позволяют существенно расширить возможности практического использования и разработки современной методики преподавания, создания и совершенствования учебных материалов и комплексных технологических систем обучения, в том числе мультимедийных, а также способов самообразования и самообучения с учетом его индивидуализации.

В мире происходят глобальные общественно-политические и экономические перемены, усиливаются интеграционные процессы, расширяются межнациональные и международные контакты. В современных условиях возникает необходимость дальнейшего совершенствования преподавания и изучения русского языка в образовательных учреждениях страны, учёта возрастающей роли межкультурной коммуникации, способствующей формированию толерантной культуры общения, а также укрепление связей между странами и народами. Каждый язык, в том числе и русский, отражает культурные реалии социума, где тот или иной язык функционирует, и при этом адекватно обслуживает его культуру. Усваивая русский язык, человек одновременно проникает в новую инонациональную культуру, получает огромное духовное богатство, хранимое изучаемыми языками, те задачи обучения русскому языку неразрывно связываются с задачами изучения страны, ее культуры и жизни. Знание нескольких языков расширяет возможности подрастающего поколения, позволяя эффективно реализовать свой потенциал в самых разных сферах деятельности.

Обучение русскому языку представляет собой такое обучение, которое основано на учете потребностей студентов в изучении русского языка, диктуемых особенностями будущей профессии или специальности, которые, в свою очередь, требуют его изучения. Термин "профессионально-ориентированное обучение" употребляется для обозначения процесса преподавания русского языка в неязыковом вузе, ориентированного на чтение литературы по специальности, изучение профессиональной лексики и терминологии, а в последнее время и на общение в сфере профессиональной деятельности.

Задача преподавателя русского языка заключается в том, чтобы в процессе повседневной своей работы со студентами обращать особое внимание на правильность произношения и ударения, выбора грамматических конструкций, сочетаемости и правильного употребления слов и выражений, сутью чего является неотъемлемое качество речевой культуры.

Вопросы профессионального воспитания при чтении литературных текстов могут решаться только в единстве с эстетическим воспитанием и образованием студентов, с учётом специфики литературы, как искусства слова. Используется интересный текстовый материал из произведений известных русских писателей.

Немаловажная роль при обучении русского языка играют учебники. Учебники и учебные пособию способствуют закреплению, совершенствованию и развитию языковых умений и навыков, связывают обучение со специальностью студентов.

Выпускники высшего учебного заведения должны быть высоконравственными, гуманными, социально зрелыми, творчески активными личностями.

Общеизвестно, что в преподавании неродного (иностранного) языка важны и мотивы изучения, и методика, и талант преподавателя, и частота занятий. Ещё важнее - постичь условия, в которых происходит овладение языком. Основы обучения русскому языку в образовательных учреждениях нашей страны являются: качество условий образовательного процесса (кадровое, материальное, методическое); качество реализации образовательного процесса (его цели, содержание, формы и методы); качество его результатов (развитие билингвальной личности, стремление к высокой культуре общения и речетворчеству).

Знание русского языка поможет будущему специалисту овладеть навыками межкультурного общения, использовать современные информационные технологии, ориентироваться в потоке научно- инновационных достижений мировой и отечественной науки.

**Русский язык в Таджикистане на протяжении многих лет выполняет роль межнационального общения. В качестве официального языка он является стержнем, формирующим полилингвальное и поликультурное образовательное пространство в республике, фактором когнитивного и интеллектуального развития, обеспечивающим возможность школьников и молодежи в самореализации в условиях многонационального поликультурного государства.**



*Файзуллоева ФИРУЗА, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки*

## ЭЙ ВАТАН...

Эй Ватан, гар аз ту нолам, ҳар ду чашмам кур бод,
Рӯйи он фарде, ки менолад зи ту дар гӯр бод.
Ҳар, кӣ ободат кунад, ҷонам фидои номи ӯ,
Ҷойи ӯ дар дидаи мо, хонааш пурнур бод.
Ҳар касе парварда шуд бо обу хоку дони ту,
Гар хиёнат пеша гирад, то абад носур бод.
Ҳар ки шод аст аз ҷафои миллату Модар - Ватан,
Ҷисми нопокаш пас аз мурдан хуроки мӯр бод.
Юсуфи мисрӣ, ки Канъонаш ҳамеомад ба ёд,
Ё раб, аз хоки Ватан касро нахоҳам дур бод.
Тоҷикистонро ба меҳнат мо тавоно мекунем,
Ҳар касе инро намехоҳад, танаш ранҷур бод.
Бо қабили худ Фарезӣ ҳар кӣ бошад дар Ватан,
Қутти ӯ ширин зи шаҳди хонаи замбур бод.

**Довуд Фарезӣ**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети иқтисод ва идора Шамилаи Нусратулло (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети иқтисод ва идора Тураев Худоёр (таҳсилоти фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети химия биология Ҷалолзода Умеда (таҳсилоти фосилавӣ) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети химия биология Аминаи Амрохон (таҳсилоти рӯзона), додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, Идимади Раҳмон (таҳсилоти рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Адибу оқилу доно касе бувад, ки сухан,*
*Ба фикр гӯяду кам гӯяду накӯ гӯяд. А. Ҷомӣ*



# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

Коррупсия яке аз зуҳуроти хатарноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти кишвар ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф шудааст. Бинобар ин, муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, давлату Ҳукумати кишвар мунтазам барои паст намудани шиддат ва сатҳи коррупсия кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд.

Хотирнишон бояд сохт, ки аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили мубориза бар зидди коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Чунончи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", ки дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат ироа мегарданд, оид ба хавфу хатарҳои коррупсия, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва оқибатҳои манфии онҳо аз ҷиҳати илмиву амалӣ ибрози андеша карда, тарзу усулҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия ва кирдорҳои коррупсиониро масъалагузорӣ менамоянд ва дар заминаи ин ҳуҷҷатҳои расмӣ дар самти муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб чораҳои дахлдор ташкиливу ҳуқуқӣ андешида мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз ба тасвиб расонидани "Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия", яъне шуруъ аз 25-уми сентябри соли 2006 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуда, барномасозии муқовимат ба коррупсия дар сатҳи давлатӣ роҳандозӣ гардид.

Мусаллам аст, ки сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ сиёсати ҳадафмандона ва аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок буда, барои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири манфии коррупсия, инчунин бартараф намудани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона шудааст. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионии кишвар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Чунончи Роҳбари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2001 зикр намуданд, ки "вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад". Ҳамзамон, Сарвари давлат дар Паёми зикршуда оид ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)" аз 21-уми июли соли 1999, № 1262 ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 10-уми декабри соли 1999, № 875 хотирнишон сохта, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадор шуданд, ки иҷрои санадҳои мазкурро таъмин намоянд.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007, № 143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар иртибот ба таъсис ёфтани мақоми махсусгардонидашуда - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2007 ёдовар шуда, зикр намуданд, ки "ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти назоратӣ, бартараф намудани тафтишҳои молиявии дубора ва такрори вазифаҳо, беҳтар намудани мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис ёфт".




Барои ба танзим даровардани фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва муайян кардани мансубияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20-уми марти соли 2008, № 374 ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми сентябри соли 2007, № 414 "Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо" қабул гардиданд.

Тазаккур бояд дод, ки сиёсати зиддикоррупсионӣ навъе аз сиёсати ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Тавре Президенти кишвар дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 таъкид намуданд: "Пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад".

Зимнан, дар мамлакат дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ таҳия ва қабул гардиданд. Чунончи, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" (28-уми декабри соли 2012, № 925), "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" (7-уми августи соли 2020, № 1714) қабул шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008, № 34 "Стратегияи мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012" ва бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013, № 1504 "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" ва аз 3-юми августи соли 2021, № 222 "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" тасдиқ гардида, ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мубориза бар зидди коррупсия тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014, № 138 Маркази милии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Муассисаи давлатии "Маркази миллии тестӣ" таъсис дода шуд. Мақсад ва вазифаҳои асосии Марказ таъмини арзёбии шаффоф ва одилонаи дониши довталабон ва баробарҳуқуқии онҳо барои дарёфти таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии мамлакат, гузаронидани пажӯҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тест; ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ; тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳо; ташкили мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот ва иштирок дар барномаҳои байналмилалии арзёбии дониши хонандагон иборат мебошанд. Дар баробари ин, Маркази миллии тестӣ дар пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ саҳми назаррас мегузорад. Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми январи соли 2015 дар иртибот ба таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар коҳишёбии шиддати коррупсия иброз намуданд, ки соли 2014 бори аввал қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шуд, ки он талаби замон буда, омили асосии коҳишёбии шиддати кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳа гардид. Масалан, солҳои қаблӣ то 20 фоизи довталабон ва падару модарони онҳо аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд, вале соли 2014 аз 52 ҳазор нафар довталабон танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки ин рақам ҳатто як фоизро ҳам ташкил намедиҳад. Дар Паёми зикргардида Президенти мамлакат ёдовар шуданд, ки "мо дар паёмҳои гузашта ва дар дигар мулоқоту чорабиниҳо доим хотирнишон месозем, ки кирдорҳои коррупсиониро маҳкум мекунем ва мубориза бо ин падидаи номатлубро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мешуморем".

Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як анъъана ва иқдоми неке ба роҳ монда шудааст, ки дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз паёмҳои Президенти кишвар бармеоянд музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла, кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони муассисаҳои маориф, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва андозаи нафақаву стипендияҳо зиёд карда мешаванд. Масалан, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳтар намудани шароити зисту зиндагонии шаҳрвандон ва таъмини шоистаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолии мамлакат зиёда аз 20 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси баланд бардоштани музди меҳнат, андозаи нафақа ва стипендияҳо ба тасвиб расидаанд, ки аксарияти онҳо дар заминаи дастуру вазифаҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки дар маҷмуъ ба коҳиш ёфтани шиддати коррупсия дар кишвар мусоидат намуданд. Бинобар ин, ҷиҳати паст намудани сатҳи коррупсия мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" дар соли 2023 масъалаи баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ба миён гузошта шавад.

Ҳамин тавр, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи мубориза бар зидди коррупсия нақши бағоят бузург доранд, зеро дар паёмҳои Президенти мамлакат ҷиҳати садди устувор гузоштан дар роҳи кирдорҳои коррупсионӣ тарзу усулҳои муқовимат ба ин падидаи номатлуб баён гардидаанд. Илова бар ин, бо назардошти хавфу хатари зиёд доштани коррупсия мубориза бар зидди он самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат зикр шудааст. Дар асоси талаботи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия чораҳои ташкиливу ҳуқуқӣ роҳандозӣ гардидаанд.



*Сайнозимзода ФИРӮЗ, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

*Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком,*
*На худро дар қафас додӣ на дар дом.* *В. Бофиқӣ*

Анвори дониш
№9 (345), ҶУМЪА, 22.12.2023

# СУХАНРОНӢ ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУАРРИФГАРИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК", БА ИФТИХОРИ



*05.12.2023, шаҳри Душанбе*

**Ҳамватанони азиз!**

Меҳмонони олиқадри Симпозиуми байналмилалии "Бобоҷон Ғафуров - бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик"!

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик садҳо чеҳраҳои мондагоре ҳастанд, ки нақши онҳо барои пойдории миллат, посдории илму фарҳанг, худшиносиву худогоҳии мардум ва ободии сарзамини аҷдодӣ басо арзишманд мебошад.

Яке аз чунин чеҳраҳои барҷастаи даврaи навтарини таърихи миллати тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири ҷумҳурӣ ва илми шарқшиносии асри XX саҳми бисёр муассир гузоштааст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳар яки шумо - ҳозирини арҷмандро ба ифтихори 115-солагии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ходими номдори давлативу сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров самимона табрик мегӯям.

Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро дар ҷодаи таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст.

Барои фаъолияти барҷастаи давлатӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба Бобоҷон Ғафуров бо Фармони Президенти мамлакат аз 8-уми сентябри соли 1997 унвони олии "Қаҳрамони Тоҷикистон" дода шуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бобоҷон Ғафуров дар муҳите тарбия ёфта буд, ки дар он муҳаббат ба илму дониш ва фарҳангу адаб арзиши баланд дошт.

Аз ҷумла, модари ӯ шоираи номдор Розияи Озод, ки бо асарҳои адибони классики тоҷик, хусусан, бо осори устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Бедил ва дигар шоирону донишмандон ошноии комил дошт, дар ташаккули шахсияти фарзанди худ нақши ҳалкунанда бозид.

Ҷавҳари ашъори ин модари огоҳу донишманд аз ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ иборат буд.

Самараи тарбия дар фазои мусоиди оилавӣ буд, ки Бобоҷон Ғафуров баъдтар ҳамчун ходими сиёсиву давлатӣ, тарғибгари арзишҳои ҳаётбахши миллӣ ва таърихи пурифтихори миллати тоҷик дар фазои пӯшидаву мураккаби даврони хеш ба камол расид.

Бобоҷон Ғафуров аз корманди одии созмони ҷавонон, рӯзноманигорӣ ва муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик то роҳбари аввали ҷумҳурӣ ва директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои давлати абарқудрати Шӯравӣ расида, зиёда аз 21 сол ин маркази бузурги илмиро сарварӣ кардааст.

Фаъолияти илмии ӯ аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз ёфта, баъдан ҳаракатҳои милливу озодихоҳии мардуми Машриқзамин, масъалаҳои миллӣ дар давлати Шӯравӣ, таърихи афкори сиёсиву ҷамъиятӣ, зиндагиву осори мутафаккирони бузурги Шарқ ва масъалаҳои мубрами илми шарқшиносӣ мавриди таҳқиқи доманадори олим қарор гирифтаанд.

Аввалин мақолаҳои таҳлилию танқидии ӯ ҳанӯз дар рӯзномаҳои "Овози тоҷик" ва "Бедории тоҷик" чоп шудаанд, ки мавзӯи асосии онҳоро масъалаҳои таърихӣ ва зиддияту муборизаи ҷомеаи нав ва куҳна ташкил медоданд.

Бобоҷон Ғафуров навиштани мақолаҳои таърихиву сиёсӣ, таҳлилӣ ва илмиву оммавиро ҳангоми иҷрои вазифаҳои масъулиятноки ҳизбиву давлатӣ низ пайваста идома додааст.

Ӯ дар мақолаҳои худ илова ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисос, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, такмили сатҳи дониши кормандони мақомоти давлативу ҳизбӣ ба таърихи бостонии халқи тоҷик, адабиёту фарҳанги пурғановати тоҷикон ва роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа эътибори ҷиддӣ медод.

Аз нимаи дуюми солҳои 30-юм фаъолияти сиёсии олим оғоз мегардад ва дар ин давра ӯ дар вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ кор карда, то мақоми роҳбари аввали ҷумҳурӣ, яъне котиби якуми Кумитаи марказии ҳизби ҳокими вақт интихоб мешавад.

Бояд гуфт, ки Бобоҷон Ғафуров нахустин тоҷике буд, ки пас аз ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба чунин мақоми баланди сиёсӣ интихоб ва таъин гардидааст.

Бо вуҷуди корҳои ҳизбиву давлатӣ Бобоҷон Ғафуров таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро содиқона идома медод.

Соли 1942 мақолаи ниҳоят муҳимми Бобоҷон Ғафуров "Муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ" ва баъдан соли 1944 дар заминаи он китоби "Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ" нашр мешаванд, ки дар роҳи баланд бардоштани ҳисси ватанпарастии мардум ва муҳаббат ба сарзамини аҷдодӣ нақши муассир мегузоранд.

Ӯ дар солҳои баъдиҷангӣ бо маҳорати баланди кордонӣ ва масъулиятшиносӣ дар танзиму такмили иқтисодиёти ҷумҳурӣ талош варзида, саъю кӯшиши худро ба он равона намуд, ки Тоҷикистон ба ҷумҳурии пешрафта табдил ёбад.

Соли 1947 Тоҷикистон аз рӯйи ҳосилнокии пахта дар миқёси Шӯравӣ ба ҷойи аввал ва аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли он ба ҷойи дуюм баромад.

Барои натиҷаҳои беҳтарини дар солҳои 1946 - 1947 бадастоварда 184 нафар пешқадамони истеҳсолоти ҷумҳурӣ, аз ҷумла 41 нафар занон ба гирифтани унвони Қаҳрамони меҳнат ва 4216 нафар бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар бунёди даҳҳо корхонаи азими саноатӣ, рушди соҳаи аграрӣ, бахусус, дар самти муҳоҷирсозии мардуми кӯҳистон барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ва пешрафти илму фарҳанги Тоҷикистон басо арзишманд мебошад.

Бунёди муассисаҳои нави илмиву таълимӣ, таъмин намудани онҳо бо мутахассисони таҷрибадор ва аз дигар ҷумҳуриҳо ба Тоҷикистон даъват кардани беҳтарин олимони соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумлаи ташаббусҳои Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Зери роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Душанбе соли 1948 Донишгоҳи давлатӣ, соли 1951 Академияи илмҳо ва соли 1955 Донишкадаи политехникӣ ба фаъолият оғоз намуданд.

Бобоҷон Ғафуров бо олимону адибон дар иртиботи доимӣ қарор дошт ва инкишофи илми Тоҷикистонро пайваста дастгирӣ, назорат ва роҳнамоӣ мекард.

Дар солҳои роҳбарии Бобоҷон Ғафуров силсилаи ҳафриёти бостоншиносӣ роҳандозӣ гардид, ки натиҷаи онҳо дар омӯзиши мукаммали таърихи гаронқадри миллати фарҳангии тоҷик аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

Ҳанӯз соли 2016 дар китоби "Чеҳраҳои мондагор" ман таъкид карда будам, ки дар даврaи роҳбарии Бобоҷон Ғафуров (солҳои 1946 - 1956) ягон соҳаи муҳимми ҷумҳурӣ аз мадди назари ӯ дур намондааст.

Мехостам боз як самти сиёсати оқилонаи Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун роҳбари оқилу кордони ҷумҳурӣ дар самти амалӣ сохтани нақшаи муҳоҷиркунӣ таъкид намоям.

Бобоҷон Ғафуров зимни сиёсати муҳоҷиркунии дохилӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва иттиҳоду ягонагии мардуми тоҷикро дар меҳвари фаъолияти роҳбарии худ қарор дода буд.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро хотирнишон намоям, ки илова ба иҷрои вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ маҳз Бобоҷон Ғафуров пас аз устод Садриддин Айнӣ ба таҳқиқи мукаммали таъриху тамаддуни тоҷикон иқдом намудааст.

Ӯ дар марҳалаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшид, ки аввалин падидаи дурахшони он эҷоди асари бунёдии "Таърихи мухтасари халқи тоҷик" мебошад.

Ин асар бори аввал соли 1947 дар шаҳри Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр гардид.

Арзиши баланди илмии китоби мазкур ҳамчун дастоварди илми таърихшиносии тоҷик дар он ифода меёбад, ки се маротиба - солҳои 1949, 1952 ва 1955 ба забони русӣ дар Москва ба нашр расидааст.

Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров аз нашри ин китоб ва асарҳои минбаъда ба ҷаҳониён собит намудани ин ҳақиқати илмӣ буд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин миллатҳои дунё буда, дар раванди рушди тамаддуни башарӣ нақши басо арзишманди таърихӣ бозидаанд.

Воқеан, ин асар шӯълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгардидаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, ба худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории мардуми тоҷик ва фарзандони бедордилу фидоии миллат рӯҳи тоза бахшид.

Устод Садриддин Айнӣ чопи китоби "Таърихи мухтасари халқи тоҷик"-ро бо хушнудӣ истиқбол карда, онро такони ҷиддӣ дар дарки илмии гузаштаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, қабл аз ҳама, тоҷикон ҳисобидааст.

Қобили зикр аст, ки маҳз баъди нашри ин китоб Бобоҷон Ғафуров аз тарафи мутахассисони соҳа ҳамчун асосгузори илми таърихи тоҷикон эътироф гардид.

Баъди чопи асари зикршуда Бобоҷон Ғафуров таҳқиқоти бунёдиро доир ба таърихи миллати тоҷик идома дода, соли 1972 дар Москва асари безаволи худ "Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна"-ро, ки воқеан шиносномаи миллати тоҷик мебошад, ба чоп расонид.

Ин шоҳасари безавол, ки самараи заҳмати сисолаи олим аст, аз ҷумлаи таҳқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

"Тоҷикон" асарест, ки таърихи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX-ум дар бар мегирад ва дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ, осори фаровони хаттии таърихиву адабӣ ва таҳқиқоти олимони маъруфи Шарқу Ғарб ба таври хеле муфассал таълиф шудааст.

> Дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик садҳо чеҳраҳои мондагоре ҳастанд, ки нақши онҳо барои пойдории миллат, посдории илму фарҳанг, худшиносиву худогоҳии мардум ва ободии сарзамини аҷдодӣ басо арзишманд мебошад.
> Яке аз чунин чеҳраҳои барҷастаи даврaи навтарини таърихи миллати тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири ҷумҳурӣ ва илми шарқшиносии асри XX саҳми бисёр муассир гузоштааст.



# "БОБОҶОН ҒАФУРОВ - БУЗУРГТАРИН МУҲАҚҚИҚ ВА 115-СОЛАГИИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Дар ин асари безавол ҷараёни ташаккулёбии миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён гардидаанд.

Аҳаммияти ин асар имрӯз, яъне дар шароити вусъати рӯзафзун пайдо карданипаҳлуҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ барои худшиносиву худогоҳии миллии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон ва тавсеаи тафаккури таърихии онҳо торафт меафзояд.

Бо дарназардошти ин, мо шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуровро аз нав чоп карда, ба ҳар як оилаи сокини мамлакат ҳамчун тuҳфаи Роҳбари давлат дастрас намудем.

То ин замон китоби "Тоҷикон" дар кишвари мо чанд маротиба чоп шуда буд, вале бо сабаби маҳдуд будани теъдоди нашр ба китоби хеле камёб табдил ёфта буд.

"Тоҷикон" ҳоло китоби рӯйимизии ҳар як фарди соҳибмаърифат ва бонангу номуси миллати тоҷик мебошад.

Илова бар ин, шарҳу тавзеҳи мухтасари илмиву оммавии ин шоҳасар ба хотири комилан дастрасу фаҳмо шудани мазмуну муҳтавои он ба ҳар як сокини кишвар аз тарафи олимони Академияи миллии илмҳо омода ва чоп гардид.

Ҳоло "Тоҷикон" ба забонҳои англисӣ, ҷопонӣ, полякӣ, чинӣ, арабӣ ва фаронсавӣ тарҷума, нашр ва тавассути расонаҳои интернетӣ ба ихтиёри хонандагон ва дӯстдорони таърихи бостонии халқи тоҷик гузошта шудааст.

Китоби "Тоҷикон" барои ҳавзаи фарҳангии забони тоҷикӣ - форсӣ, пеш аз ҳама, Афғонистон ва Эрон низ бо хати ниёгон ба табъ расид.

Олими дақиқкор бо ин асари худ таърихи миллатеро, ки дар илму фарҳанг ва таъриху тамаддуни башарӣ нақши барҷаста бозидааст, аз нав зинда гардонид.

Бобоҷон Ғафуров дар асоси садҳо далели холисонаи илмӣ дар шоҳасари худ исбот намуд, ки миллати фарҳангиву тамаддунофари тоҷик бо доштани чунин таърихи пурифтихор, мероси ғании илмиву адабӣ ва анъанаву арзишҳои асилу пурбор ҳаргиз ба таърихсозӣ, яъне таҳрифи огоҳонаи таърих ва афзалиятхоҳиву бузургтарошии бебунёд эҳтиёҷ надорад.

Арзиши баланд ва таҳлилу таҳқиқи фарогири илмии ин асар аз ҷониби маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ ба таври сазовор истиқбол ва эътироф гардид.

Хизмати дигари барҷастаи Бобоҷон Ғафуров дар он аст, ки бо заҳмату талошҳои ӯ солҳои 40-ум - 70-ум дар Тоҷикистон мутахассисони баландпояи илми таърихшиносӣ тарбия ёфтанд ва ба камол расиданд.

Бо ташаббуси академик Бобоҷон Ғафуров солҳои 1963 - 1965 бори аввал асари илмии "Таърихи халқи тоҷик" дар се ҷилду панҷ китоб омода ва нашр гардид, ки дар ҳаёти илмиву фарҳангии кишвари мо рӯйдоди бесобиқа буд.

Бобоҷон Ғафуров дар давраи роҳбарии худ тавонист як гурӯҳ олимону шарқшиносони барҷаста - А. Семёнов, М. Андреев, А. Якубовский, М. Дяконов, А. Беленитский, А. Окладников, А. Манделштам, Б. Литвинский, Е. Давидович ва дигаронро барои фаъолияти доимии корӣ ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон даъват намояд.

Минбаъд бо кумаку ташаббуси бевоситаи ӯ соли 1971 "Шоҳнома" дар 2 ҷилд ба забони русӣ ва 9 ҷилд ба хати ниёгон дар "Силсилаи мероси хаттии Шарқ" ба табъ расид.

Дар он солҳо таҳқиқоти бевоситаи Бобоҷон Ғафуров ё зери назари ӯ силсилаи асарҳои "Фирдавсӣ - шуҳрат ва ифтихори маданияти ҷаҳонӣ" (1972), "Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал - Берунӣ" (1974), "Амир Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ "Ҳашт биҳишт"" (1971), "Мирзо Ғолиб - шоири бузурги Шарқ" (1972) ва "Ал-Форобӣ дар таърихи маданият" интишор ёфтанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногун сазовори баҳои баланд гардиданд.

Дар хориҷи кишвар тарҷума ва нашр гардидани асарҳои арзишманди Бобоҷон Ғафуров, аз ҷумла "Тоҷикон", "Дар бораи робитаҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар замони Ҳахоманишиҳо", "Искандари Мақдунӣ ва Шарқ" далели равшани эътирофу эътибори ҷаҳонии ӯ мебошад.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муҳаққиқи барҷаста ва ташаббускори илм дар рушди ховаршиносӣ низ саҳми бузург гузошт.

Ӯ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ илми шарқшиносии Шӯравиро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад.

Пас аз сарвари Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ таъин шудани ин донишманди бузург доираи омӯзиши таъриху фарҳанги мардумони Машриқзамин хеле васеъ гардид.

Дар он солҳо бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров перомуни масоили тамаддуни мардуми Шарқ бузургтарин конгрессу симпозиумҳои байналмилалӣ баргузор гардиданд.

Яке аз чунин ҳамоишҳои донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ, ки ба масъалаи басо муҳим - омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кушониён бахшида шуда буд, соли 1968 дар пойтахти Ватани мо - шаҳри Душанбе доир гардида, боз як саҳифаи торики таърихи гузаштаи халқи моро равшан сохт.

Институти шарқшиносӣ дар давраи роҳбарии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик дар муддати хеле кӯтоҳ на танҳо дар собиқ Шӯравӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз марказҳои бузургтарини илмӣ дар самти омӯзиши кишварҳои Осиё ва Африқо табдил ёфт.

Ба шаҳодати шарқшинос - ҷопоншиноси маъруфи рус Владимир Алпатов он давра "марҳалаи беҳтарин дар ҳаёти институт буд".

Маҳз ба ҳамин хотир, олими тоҷик Бобоҷон Ғафуров яке аз поягузорони шарқшиносӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Россия шинохта шудааст.

Бобоҷон Ғафуров дар таърихи гузаштаи халқҳо, пеш аз ҳама, лаҳзаҳоеро меҷуст, ки роҳро ба созандагӣ, наздикӣ ва дӯстии онҳо ҳамвор созанд.

Имрӯз мо ифтихор дорем, ки маҳз фарзанди номдори миллати мо дар таҳқиқи тамаддуни мардуми Осиё ва Африқо пешоҳанг буд ва дар ин ҷода корҳое ба сомон расонид, ки солҳо аз ёди мардумони Машриқзамин нахоҳанд рафт.

Бобоҷон Ғафуров ҳаёт ва фаъолияти гуногунҷанбаи худро на танҳо ба пешрафти иқтисодиёту маънавиёти Тоҷикистон бахшидааст, балки ҳамчун олим ва сиёсатмадори оқил сарфи озодиву истиқлол ва рушди илму тамаддуни бисёр кишварҳои Шарқ низ кардааст.

Хизматҳои ӯ дар роҳи ба ҳам наздик сохтани тамаддунҳо ва таҳкими сулҳ дар сайёра бо медали тиллоии Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ қадршиносӣ шудаанд.

Ӯ ҳамчунин яке аз аввалин шахсоне мебошад, ки бо ҷоизаи байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру сарфароз гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров барои фаъолияти гуногунҷанбаи худ, инчунин, бо даҳҳо мукофоти олии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардонида шудааст.

Ҳозирини гиромӣ!

Бояд таъкид кард, ки гиромидошти номи неки Бобоҷон Ғафуров мактаби бузурги тарбияи худогоҳиву худшиносии таърихӣ ва ифтихори миллӣ мебошад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки хотираи ин фарзанди фарзонаи миллатро пос дорем, шоҳасари "Тоҷикон" ва дигар осори бегазанди ӯро пайваста омӯзем ва аз кору фаъолияти фидокоронааш сабақ гирем.

Ин амр, бахусус, дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Ин ҷашнро дар фазои созандагиву бунёдкорӣ, дар рӯҳияи ваҳдату якдигарфаҳмӣ, ҳисси баланди миллӣ ва саъю талош ба хотири таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ истиқбол гирифтан қарзи ватандории ҳар як фарди огоҳу бедордили ҷомеа мебошад.

Ман дар мулоқоту суханрониҳои худ ҳанӯз аз оғози фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат борҳо иброз дошта будам, ки мо бояд кӣ будани аҷдодамон ва худамонро донем, яъне решаҳои худро шиносем, ба онҳо арҷ гузорем ва аз насли ориёӣ, яъне ориёитабор буданамон ифтихор намоем.

Яъне мо бояд донем ва ифтихор дошта бошем, ки яке аз қавмҳои асосии ориёӣ ҳастем.

Дар робита ба ин, дар Паёми худ 26-уми декабри соли 2019 ба Ҳукумати мамлакат супориш дода будам, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби "Тоҷикон"-ро аз ҳисоби Фонди захираи Президенти кишвар чоп карда, то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оила дастрас намояд.




Дар идомаи ин иқдом ва ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бо амри Президенти мамлакат аз моҳи июли соли 2022 озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикон - оинаи таърихи миллат" эълон гардид.

Ин озмун бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори тоҷикон, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва шинохти нақши миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни башарӣ дар чор марҳала баргузор гардид.

Имрӯз дар ин толор ғолибони даври сеюму чоруми ин озмун ва гирандагони шоҳҷоиза ҳузур доранд.

Бо истифода аз фурсат, ғолибон, гирандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ин озмун ширкат доштанд, самимона табрик мегӯям.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки иштироки ҳар як фард дар ин озмун нишонаи муҳаббату дилбастагӣ ба таърих, забон ва фарҳангу маънавиёти миллати тамаддунсози тоҷик мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дастовардҳои назаррас дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги деринаи тоҷикон дар арсаи байналмилалиро омӯхта, пешниҳод манзур намояд.

Мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки ҳаёту фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров ва асари безаволи ӯ "Тоҷикон", дар ҳақиқат, солҳои 70-уми асри гузашта ба болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо такони ҷиддӣ бахшид ва ин раванд дар даврони соҳибистиқлолӣ ба хотири пояндагии миллат ва таҳкими иқтидори давлатдории навини тоҷикон ба маҷрои тоза ворид гардид.

Ҳадафи мо аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангиву тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландиву сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳарчи бештар ва оқилона истифода барем.

Бо таъкиди ин нуктаи муҳим бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, ҳамаи шумо - меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромиро ба ифтихори 115-умин солгарди зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров табрик гуфта, барои шумо сулҳу субот, саломативу хонаободӣ, пирӯзиву сарбаландӣ ва ба кулли сокинони мамлакат зиндагии босаодат орзу менамоям.

**Ташаккур!**

*Манбаъ: http://president.tj/node/32063*

*Гуҳар бе ҳунар зору хор асту суст,*
*Ба фарҳанг бошад равон тандуруст.* А. Фирдавсӣ



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ-КАФИЛИ СУЛҲУ ОСОИШТАГӢ

Таърих гувоҳ аст, ки Пешвои тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар кадом вазъ ва тахти кадом шароит сари ҳокимият омаданд. Ҳодисаи нангине, ки дар тақдири миллати тоҷик соли 1992 бо номи "ҷанги бародаркуш" рух дод, талафоти сангинеро ба миён овард.

Дар ҳолате, ки халқ ҳар рӯз ба даҳҳо ҳодисаҳои нохуш рӯ ба рӯ мегашт, президенти онвақта Раҳмон Набиев аз мансаби президентӣ истеъфо дод. Дар лаҳзаҳои мудҳише, ки касе кафолати ҷонӣ надошт, сарвари ғамхори миллати мо- Эмомалӣ Раҳмон ба сари роҳбарӣ омаданд ва аз рӯзҳои аввали роҳбарият ба мардуми парокандаву аламдидаи тоҷик рӯ оварда гуфтанд: "Ман ба Шумо сулҳ меорам!" ва, воқеан ҳам, бо ин аҳди хеш вафо намуда, мардуми парокандаву ҳаросони тоҷикро аз берун ҷамъ намудаву ба ватан баргардониданд.

Аз солҳои аввали роҳбарӣ сарвари хирадманду ғамхори миллати мо бо мардум наздик буда, доимо миёни халқ буданд ва пайваста аз вазъияти зиндагии аҳолӣ бохабар мегардиданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо ба ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус, соҳаҳои иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг, сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ диққати махсус зоҳир намуда, ҳамасола бахри рушду нумӯи соҳаҳои мазкур маблағгузорӣ менамоянд. Тавре ба ҳамагон маълум аст, ҳамасола қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, ба соҳаи маориф, ки яке аз соҳаҳои муҳими мамлакат ба ҳисоб меравад, равона карда мешавад. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро соҳаи пояги сиёсати иҷтимоии давлат зикр намуда, ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзидаи ин соҳа иқдомҳои зиёдеро амалӣ намуданд. Ҳамон гунае, ки шоир мефармояд:

***Пояи давлат намонад бе***
***маориф устувор,***
***Давлати поянда хоҳӣ рӯй бар***
***мактаб биёр.***

Дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ҷиҳати сохтмону азнавсозии мактабҳо, коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳо бо тарҳи наву замонавӣ ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмиллалӣ гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Инчунин саҳми Пешвои миллат дар бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ва дастгирии мардуми камбизоат бисёр бузург аст.

Чанде пеш дар яке аз маҷаллаҳои оммавӣ мутолиа намудам, ки як шаҳрванди кишвари мо дар матлаби худ зикр намудааст, ки бо як шаҳрванди Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҳамсафир гардида, роҳии ноҳияи Дарвоз гардидааст. Зимни сафар ҳаммасири афғонаш аз ғамхориҳои Сарвари хирадманди мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардида, таъкид намуданд, ки: "ба қадри Сарвари худ расед, зеро ба дастгириҳои бепоёни Роҳбари давлати шумо ҳаваси мо мардуми афғон меояд". Ҳамчунин ёдовар гардид, ки ду сол қабл ҳудуди деҳаҳои ноҳияи Дарвозро сел зада, хонаҳои истиқоматиро вайрон намуд. Соате нагузашта намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ба ҷои воқеа ҳозир гардида, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ сари вақт даст ба кор шуданд ва ҳар як соат Сарвари давлат ба намояндагони ҳукумат ва кумитаи ҳолатҳои фавқулода, ки барои кумаки мардуми зарардида сафарбар гардида буданд, дар тамос мегардиданд. Ҳамзамон барои ҳарчӣ зудтар бартараф намудани оқибатҳои офат ва сохтмони хонаҳои нави истиқоматӣ супоришҳои қатъӣ доданд. Дар муддати хеле кӯтоҳ худи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дасти худ калидҳои хонаҳои истиқоматиро бо тамоми лавозимоти наву замонавӣ ба аҳолии зарардида тақдим намуданд.

"Аммо мо чӣ!" - суҳбатшаро идома дод, шаҳрванди Афғонистон "сарвари давлат он тараф истад, ҳатто як намояндаи ҳукумат аз ҳоли мо бохабар намешавад, чӣ офатҳову чӣ ҳодисаҳое сарамон омад",- қисса менамояд он шаҳрванди Афғонистон ва таъкид мекунад, ки Пешвои миллати худро дӯст доред, зеро ӯ нисбати халқи худ бениҳоят ғамхору меҳрубон аст. "Ман ба шумо беғаразона ҳасад мебарам"- гуфт шаҳрванди Афғонистон, ки бо як шаҳрванди тоҷикистонӣ ҳаммасир гардида буд.

Воқеан ҳам аз дастгириҳову ғамхориҳои Пешвои миллати мо ҳар қадаре, ки ёдовар гардем тамом намешаванд. Беҳуда нест, ки Сарвари хирадманди моро аз тарафи халқ бо унвонҳои баланди "Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат" эътироф намуданд. Мардуми тоҷик воқифанд, ки агар аввалин ташкилкунандаи давлати тоҷикон дар таърих Исмоили Сомонӣ бошад, баъд аз он нафари хирадманду шердиле, ки тавонист давлати соҳибистиқлолу демократӣ ва дунявиро бунёд намуда, дар арсаи байналмилалӣ эътироф намоянд ва ба ҷаҳониён нишон доданд, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати мустақиле ҳаст бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Инчунин ба як қатор созмонҳои бонуфузи ҷаҳон аъзо гардида, ҳамкориҳои судмандро амалӣ намуда истодаанд.

Аз ин рӯ, ҷавонони моро зарур аст, ки ба фарҳанги бегонаву бегонапарастӣ рӯ наоварда, аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротиву оифротгарой дур бошанд ва ба дастуру супоришҳои Сарвари давлатро сармашқи кори худ намуда, бахри бунёди зиндагии арзанда талош варзанд. Зеро ин тинҷиву осоиштагӣ бахри миллати мо бо ҷоннисориҳои бепоёни Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд.



*Раънои Нуралӣ - омӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# АФСОНАҲОИ АҶИБИ МАТЕМАТИКӢ

**1. Хати рости ададӣ**

Дар дунёи фанн кишваре ҳаст, бо номи Математика. Дар ин сарзамин ададҳои манфӣ, мусбат ва сифр зиндагӣ мекунанд. Хати рост бо онҳо вохӯрда гуфт:

-Илтимос, ба ман ёрӣ расонед, то аз ҷоям бархезам, чунки ман худам хеста наметавонам. Метарсам, ки шикаста мешавам.

Ададҳо аз ӯ ёрии худро дареғ надоштанд. Ададҳои мусбат аз тарафи рост, ададҳои манфӣ бошанд, аз тарафи чап ӯро бардоштанд. Ҳама хуб, вале барои пайвастани ӯ як адад намерасид. Сифр дарҳол ба ёрӣ шитофт ва дар байни ададҳои мусбату манфӣ қарор гирифт.

Хати рост аз ҷой бархост, аммо боз ба замин афтод ва ададҳоро зери худ гузошт. Ададҳо аз ҳамон замон дар зери хати рости ададӣ монданд. Адади сифрро ибтидои ҳисоб, хати ростро хати рости ададӣ, ё хати координатӣ ном ниҳоданд.

**2. Ададҳои муқобил**

Дар шоҳигарии Математика, дар сарзамини Арифметика, дар деҳаи Ададҳои мусбат адади се (3) зиндагӣ мекард. Ӯ ба воситаи телефон ба хоҳараш минуси се (-3), ки дар деҳаи Ададҳои манфӣ зиндагӣ мекард, алоқа кард. Онҳо қарор доданд, ки бегоҳӣ дар ҷангали Сифр, ки деҳаҳоро аз ҳам ҷудо мекард, вохӯранд. Ворид шудан ба ин ҷангал мамнӯъ буд. Посбон Икс (X) буд. Хоҳарони гапношунав Икс (X)-ро фиреб дода, дохили ҷангал шуданд. Ба ҳангоми вохӯрӣ ҳарду дарҳол нест шуданд. Беҳуда ба онҳо нагуфтаанд, ки вохӯрии ададҳои муқобил дар ҷангали Сифр мамнӯъ аст.

**3. Чӣ гуна фарқ кардани дугоникҳоро омӯхтанд**

Дар яке аз гӯшаҳои сарзамини Математика ададҳое зиндагӣ мекарданд, ки зоҳиран шабеҳи ҳам буда, аз рӯи хислатҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекарданд.

Гурӯҳи якум ҳамеша хушҳол буданду зиндагидӯст. Онҳоро Мусбат ном гузоштанд. Гурӯҳи дуюм ҳамеша озурдахотиру ғамнок ва норозӣ ба назар мерасиданд. Онҳоро Манфӣ ном ниҳоданд. Бошандагони ин мавзеъ онҳоро аз ҳамдигар фарқ карда наметавонистанд, чун себи дукафон



ва чун ду қатраи об буданд. Мардуми ин минтақа чӣ гуна фарқ кардани ин ададҳоро омӯхтанд. Сифр, ки ҳамеша мавқеи бетарафиро ишғол менамуд, таклиф кард, ки ба ин ададҳо аломат гузоранд. Ба ададҳои Мусбат аломати ҷамъ ва ба ададҳои манфӣ аломати тарҳ. Ҳама бо як овоз ин таклифи Сифрро қабул карданд. Баъди гузаштани андак вақт ҳамаи аломатҳо тақсим шуданд. Акнун, ҳама онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Сифр ҳам иддао дошт, ки ба ӯ низ аломат диҳанд. Аммо ба ӯ аломат нарасид. Ӯ аз ин муносибат ғамгин нашуд, зеро бе ягон аломат ӯро дар кишвари математика мешинохтанд.

**4. Амаки Баробарӣ**

Дар яке аз ҷангалҳои анбӯҳ марди тануманде бо номи Баробарӣ зиндагӣ мекард. Бо ададҳо шӯхӣ карданро дӯст медошт. Ӯ дар ҳарду тараф ададҳоро қатор карда, баъзе густохҳояшро дар қавс муҳосира менамуд ва назорат мекард, ки ҳарду тараф баробар бошанд. Баъзе ададҳо бо ниқоби "Икс" пинҳон шуда, аз наберааш Баробарӣ дархост менамуд, ки ӯро дарёбад. Ӯ кори худро медонист, ба ғайр аз "Икс" ҳамаи ададҳоро бо аломатҳои муқобил ба дигар тарафи баробарӣ меронд. Ададҳо ба фармони ӯ гӯш дода, амалҳои ба онҳо фармудаеро иҷро мекарданд, ба хотире, ки адади "Икс"-ро ёбанд. Бобо ба набера нигариста, мушоҳида мекард, ки чӣ гуна набера бо як чобукии фавқулода ба анҷом мерасонад. Ӯ аз он, ки чунин ворис дорад, ифтихор мекард.

**5. Фидоии Математика-Икс**

Ададҳои гуногун, калону хурд, бутуну касрӣ, мусбату манфӣ бори нахуст дар муодила вохӯрданд ва баъди муаррифӣ якдигарро шинохтанд. Фақат як адад аз рӯнамоии худ худдорӣ кард.

Ӯ гуфт: "Ман гуфта наметавонам, ки номи ман чист. Ин сабаб дорад". Ададҳо аз ин рафтори адади номаълум норозигӣ изҳор намуда, эътироз карданд. Баробарӣ, ки яке аз аломатҳои адл аст, ба ин кор дахолат намуда, гуфт:

-Ҳар кадоми Шумо дар як ҳолати муайян худро ошкор кардед, Биоед, ӯро "Икс" ном барем. Дар ин маврид мо муодилаҳо ҳосил мекунем.

Ҳамаи ададҳо розӣ шуданд. Аммо бо ӯ будан бароишон нофорамӣ ба вуҷуд меовард. Аз куҷо маълум, ки ин Икс чӣ гуна адад аст? Онҳо маслиҳат карданд, ки бо ӯ дар як тараф намеистанд. Бо аломати муқобил ҳам бошад, ба тарафи дигар мегузаранд, то аз "Икс" канора гиранд. Икс дар як тараф танҳо монд. Ӯ фаҳмид, ки ададҳо ӯро безобита намекунанд ва ба ҳоли худаш мегузоранд. Аз ин рӯ, каме ором гирифт. Аммо ададҳо ба таври дигар фикр мекарданд. Ба якдигар ҷамъ, зарб, тақсим мешуданд. Баъди он ки ҳамаи амалҳо иҷро мешуданд, дигар Икс барои онҳо маълум мегардид.

**6. Вазъияти байниҳамҷойгиршавии хатҳои рост**

Буд набуд, ду хати рост буд. Онҳо мағрурона зиндагӣ карда, худро аз нур ва порча боло медонистанд. Порча маҳдуд буд ва аз сарҳадҳои худ берунро дида наметавонист. Нур бошад, танҳо як тараф рафта метавонисту халос. Хатҳои рост бошанд, ба ҳарду ҷониб то беохир рафтуо мекарданд. Ҳамаи шаклҳо аз рафтори ин хатҳои рост норозӣ буда, бо онҳо дӯстиашонро мекананд. Онҳо қарор доданд, ки ба пешвози якдигар ҳаракат кунанд. Давиданду давиданд, аммо ҳеҷ гоҳ вонахӯрданд. Ба воситаи қалам нишон диҳед, ки ин чӣ гуна мешавад?

*(Давом дорад)*

*Шамсиддин ШАРИФОВ,*
*Убайдуллои АБДУСАМАД*
*омӯзгорони кафедраи математика ва методикаи таълими онӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

*Нест оби ҳаёт ҷуз дониш,*
*Нест боби наҷот ҷуз дониш.* *Ҷ. Балхӣ*



# НАҚШИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Манфиатҳои миллӣ тақозо мекунанд, ки васоити ахбори омма ба сифати дастгоҳи тавонои иттилоотӣ дар муборизаи таҳмилии иттилоотӣ чун сипари боэътимоди халқу давлат хизмат намоянд, ба ҳифзу оромиву суботи ҷомеа фаъолона мусоидат кунанд ва эътимоди мардумро ба фардои нек таҳким бахшанд. Дар робита ба ин санаи 10.11.2023 аз ҷониби факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши васоити ахбори омма дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид.

Пеш аз оғози конференсия дар дарамадгоҳи бинои маъмурии донишгоҳ намоиши асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастовардҳои ҳайати профессорону омӯзгорон, унвонҷӯёну донишҷӯёни донишгоҳ ва факултет ба роҳ монда шуд.



Дар кори конфронс муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба тарбия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ Зиннатулло Исмоилзода, сармуҳаррири рӯзномаи "Хатлон"-и вилояти Хатлон, дотсент Носирҷон Маъмурзода, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика, дотсент Зулфиев Гадомад, мудири кафедраи журналистика, Алишери Абдулмаҷид ва ҳайати профессорону омӯзгорон ва унвонҷӯёну донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Кори конфронс бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардид.

Муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова зимни сухани ифтитоҳии конфронс ҳайати меҳмоноро ба донишгоҳ хушомадед гуфта, ҳузури онҳоро дар кори конфрос боиси шодиву сурур арзёбӣ намуд. Ҳамчунин таъкид доштанд, ки "Дар ҷомеаи демократӣ матбуот аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа буда, нақши он баҳри расонидани иттилооти воқеӣ, раванди демократикунонӣ ва ташаккули афкори ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии васоити ахбори омма ин баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, дастгирӣ ва рушди анъанаҳои асил ва фарҳанги миллии тоҷикистониён мебошад. Матбуот ҳамчун инъикосгари манфиатҳои давлат, бояд воситае бошад байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа, чунки он ба ҳайси оинаи миллат дар баррасиву муаррифии тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақши калидӣ дорад ва он қодир аст бо сухани созандаву саривақтӣ ва саҳеҳу нишонрас рисолати худро дар назди халқу ватан сарбаландона иҷро намояд".

Сипас, Зиннатулло Исмоилзода, номзади илмҳои филологӣ, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар мавзуи "Амнияти иттилоотӣ ва нақши ВАО: ҳақиқат ва қиёс", Носирҷон Маъмурзода, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи вилояти "Хатлон" дар мавзуи "Васоити ахбори оммаи маҳаллии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ", Одинаева Марҳабо, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Чем больше практики, тем результативнее журналистское образование" маърӯзаҳо намуда, иброз доштанд, ки ҷанбаи созандагии воситаҳои ахбори омма дар он ифода меёбад, ки соҳаҳои гуногуни ҷомеаро ба ҳам оварда, онҳоро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд. Инчунин имконияти фаровон дорад, ки дар самти ташаккули шахсиятҳои комилу созандаи ҷомеа нақши муҳим бозида, ҳамзамон ҳар як фардро алоҳида дар рӯҳияи ватандӯстӣ, посдории асолатҳои миллӣ ва меҳнатпарварӣ тарбия намояд.

Дар бахши музокирот декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Зулфиев Гадомад ба сухан баромада, маводи банашррасидаи конфронсро, ки олимони соҳа дар 32 маърӯзаи ирсолнамудаи худ доир ба рушди журналистикаи ватанӣ ва нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотӣ пешниҳодоти мушаххас манзур намудаанд, ҳамчун армуғон ба меҳмонон расониданд. Ҳамчунин аз тарафи сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии "Хатлон", дотсент Носирҷон Маъмурзода чанде аз таълифот дар шакли маҷмӯа ва китоб барои китобхонаи донишгоҳ ва кафедраи факултет тақдим карда шуд.

Кори конфронс дар қисми дуюми рӯз тибқи барнома дар ду бахш: "Амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ" ва "Нақши ВАО дар рушди фарҳанги ҷомеаи иттилоотӣ" идома кард.

# БАРГУЗОРИИ КОНФРОНСИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР ДОНИШГОҲ



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 29 ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Тарбияи идеявӣ - сиёсии ҷавонон омили муҳими мустаҳкам намудани арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи демократӣ" баргузор гардид.

Дар конфронс ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, олимону муҳаққиқон аз муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар ва устодону донишҷӯёни донишгоҳиштирок намуданд.

Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи суханони ифтитоҳӣ профессорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, ҷиҳати иштирок ба онҳо изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуда, таъкид доштанд, ки "Таваҷҷуҳ ва тадбирандешӣ дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон аз мо масъулияти ҷиддиро талаб менамояд, зеро шароити кунунии ҷаҳони тағйирёбанда, ки ба ҷомеаи башарӣ таъсири манфии худро расонида истодааст, ҷавонон низ ҳамчун қисми осебпазир аз таъсири манфии ин раванд эмин буда наметавонанд. Аз ин рӯ, тамоми шохаҳои ҳокимият дар баробари он эҳсоси масъулият намуда, дар ин росто фаъолияти густурдаеро рӯйи кор гирифтаанд".

Зикри ин нукта муҳим ва саривақтӣ мебошад, ки тарбияи ватандӯстӣ рукни асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии худро ҳанӯз аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) мегирад" Воқеан тарбияи идеявӣ-сиёсии ҷавонон ҳамчун омили муҳимми мустаҳкам намудани арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи демократӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мубрами ҷомеа ба шумор меравад.

Дар қисмати пленарии конфронс 5 маърӯза аз ҷониби олимони донишгоҳ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, аз ҷумла Назарзода Пиралӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Нақши муаллимони фанҳои ҷомеашиносӣ дар ташаккули тарбияи идея-вӣ-сиёсии ҷавонон"; Саидзода Шуҳрат, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи "Ватандӯстӣ ва ифтихори миллии ҷавонон: роҳҳои ташаккул ва инкишофи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон"; Исоев Собир, номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб дар мавзуи "Ташаккули тарбияи сиёсии ҷавонон омили таҳкими давлатдории миллӣ" пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зимни ироаи маърӯзаҳо масъалаҳои муҳимми илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дар замони муосир, истиқлолият, демократия ва ҷавонон, ташаккули тарбияи идеявӣ - сиёсии ҷавонон, тарбияи ватандӯстӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии хонандагон ва ҷавонон, ҳифз ва ташаккули истиқлолият ва арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи демократӣ, масъалаҳои ташаккули корҳои идеологӣ ва сиёсӣ дар байни ҷавонон, нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттифоқҳои ҷавонон, занон ва ВАО дар равнақи кори идеологӣ - сиёсӣ дар байни ҷавонон мавриди омӯзиш ва таҳқиқи доираи васеи олимони кишвар қарор дода шуд.

Конфронс кори худро баъд аз ҷаласаи ифтитоҳӣ тибқи барнома



дар қисмати 2-юми рӯз дар ду бахш: Бахши I: Масъалаҳои ташаккули тарбияи идеявӣ-сиёсии ҷавонон дар замони муосир; Бахши II: Масъалаҳои ҳифз ва ташаккули арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи демократӣ ба роҳ монда, дар он зиёда аз 55 маърӯза бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли ҳузурӣ ва ғоибона (маҷозӣ) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ АДАБИИ "ПАРВОЗИ ШОҲИН" БО ИШТИРОКИ ХОСИЯТ ВАЛИЗОДА



Санаи 8-уми декабри соли равон маҳфили адабии "Парвози шоҳин"-и факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки Корманди шоистаи Тоҷикистон, шоира Хосият Вализода дар ҳошияи истиқбол аз "Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон" ва 29-умин солгарди "Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон" таҳти унвони "Шеър мебояд, ки инсонро ситояд" баргузор гардид.

Дар маҳфил ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, Корманди шоистаи Тоҷикистон, шоира Хосият Вализода, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён, муовини раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Саймуминзода Фирӯз, аҳли зиё ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Маҳфили адабиро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, ки ровигии онро бар зимма дошт, оғоз намуда, меҳмононро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфтанд.

Сипас, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, аҳли нишастро бахшида ба "Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон" ва 29-умин солгарди "Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон" табрик ва муборакбод намуда, таъкид доштанд, ки "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ доранд, давлат онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ин муқаррароти конститутсионӣ бозгӯи таҷассуми волои ҳайсияти беназири инсон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар меҳвари сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳозирини гиромӣ ва меҳмонони арҷуманд, мо дар остонаи таҷлили ҷашнҳои хеле шарафманд, натанҳо барои шаҳрвандони кишвари маҳбубамон, балки кулли сайёра-"Рӯзи байналмиллалии ҳуқуқи башар", ки санаи 10 декабр ҳамасола дар олам таҷлил мегардад ва ҳамзамон басо рамзист, ки таъсиси ҲХДТ- ҳизби созандаву бунёдкор ба ҳамин сана мувофиқ омадааст. Бо назар ба Оинноми ҲХДТ маълум мегардад, ки беш аз нисфи меъёрҳои оиннома баҳри муқаддас донистану воло шинохтани ҳайсияти инсон равона шудааст. Рисолати асосии ҲХДТ низ дар меҳвари ҳуқуқҳои инсон Тоҷикистонро ба фатҳи қуллаҳои баландтарини мурод ҳидоят кардан аст.

Баргузории маҳфили адабии "Парвози шоҳин" бо иштироки Корманди шоистаи Тоҷикистон, шоира Хосият Вализода, ки ғояи шеър ва мавзуи меҳвари эҷодиёташро арзиши инсон ва гиромидошти он ташкил медиҳад ва маҳфили имрӯза низ таҳти унвони "Шеър бояд, ки инсонро ситояд" дар ҳошияи истиқболи чорабиниҳои муҳим басо рамзист.

Дар идомаи маҳфил, муовини раиси шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён ва муовини раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Саймуминзода Фирӯз суханронӣ намуда, эҳёи дубораи маҳфили "Парвози шоҳин"-ро дастоварди муҳими фарҳангӣ арзёбӣ намуда, даъвати адибону чеҳраҳои маҳбубро рамзи қадршиносӣ ва нақши сӯҳбатҳоро бо ин гурӯҳи пешбарандагони маърифату фарҳанг дар тарбияи ватандустии насли наврасу ҷавон муассир маънидод намуданд.



Сипас, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқова Зайналбӣ дар мавзуи "Таараннуми Ватан ва сулҳу ваҳдат дар ашъори Хосият Вализода", дотсент Содиқов Ёралӣ дар мавзуи "Инсон ва шеър" ва муовини раиси КИ ибтидоии ҳизбии "Олимон"-и донишгоҳ Бадалов Исфандиёр дар мавзуи "Аз таърихи пайдоиши ҲХДТ" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар қисмати дигари маҳфил, бо иштироки мутрибону сарояндагон ва донишҷӯёну иштирокчиёни маҳфил барномаи фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар он аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ва журналистика порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти Корманди шоистаи Тоҷикистон, шоира Хосият Вализода қироат гардид.

Ҳамчунин ҳунарманди маҳбуби кишвар Иззат Шарифӣ ва кормандони ансамбли "Наво"-и донишгоҳ сурудхонӣ намуда, хотири ҳозиринро шод намуданд.

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ МАЪЮБОН

Дар ҷаҳони муосир ҳамасола 3-юми декабр ҳамчун рӯзи байналмиллалии маъюбон таҷлил карда мешавад. Таҷлили рӯзи мазкур бар асоси Эъломияи 47/3 Ассамблеяи Генералии Созмони миллали муттаҳид, ки тибқи он рӯзи 3-юми декабрро "Рӯзи байналмиллалии маъюбон" эълон доштааст, доир мегардад.



Мутобиқ ба асноди мазкур аз соли 1992 инҷониб дар тамоми кишварҳои аъзои ин созмони бонуфуз, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви комилҳуқуқи он мебошад, 3-юми декабр низ ҳамчун Рӯзи байналмилалии маъюбон таҷлил карда мешавад.

Дар робита ба ин бо мақсади дастгириву ҳавасмандгардонии ин қишри ҷомеа санаи 02.12.2023 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи байналмиллалии маъюбон чорабинии фарҳангӣ - фароғатӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, ҳайати омӯзгорон ва дигар шахсони масъул иштирок доштанд.

Дар рафти баргузории чорабинӣ ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, аз дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии хирадмандонаву оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба шахсони имконияташон маҳдуд ёдовар шуд. Ҳамчунин таъкид доштанд, ки одамони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистони азизи мо ҳамеша таҳти сарпарастии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ин қишри ҷомеа тадбирҳои мушаххасу самарбахш андешида мешавад.

Ҳамчунин муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат баромад намуда, иброз доштанд, ки дар заминаи тадбирандешиҳои ҳукумати кишвар шахсони дорои маъюбият дар кишвар аз тамоми ҳуқуқҳо бархӯрдоранд. Ҳуқуқу манфиатҳои шахсони маъюбиятдоштаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд.

Дар ин рӯз аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳамчун рамзи парасториву рафоқат ва дастгириву ҳавасмандгардонии онҳо ба донишҷӯёни имконияташон маҳдуд дастархони идона ороста шуда, ҳамзамон ба онҳо кумакҳои пулӣ расонида шуд.

Дар интиҳои чорабинӣ кормандони ансамбли "Наво"-и назди Хонаи маданияти донишгоҳ барномаи фарҳангӣ-фароғатии омоданамудаи худро пешкаши ҳозирин намуданд.

Мавриди зикр аст, ки волидону пайвандони шахсони имконияташон маҳдуд аз ин ҳама таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯҳбаланд гардида, бо шукргузорӣ аз ҳаёти осоиштаву шароиту имкониятҳои мавҷуда, ба роҳбарияти олии кишвар изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

# ЗАНОН ДАР МЕҲВАРИ ТАВАҶҶУҲИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб вобаста ба татбиқи "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030" ҷиҳати пешбарии занон ба хизмати давлатӣ ба мансабҳои роҳбарӣ бо ҷалби занону донишҷӯдухтарони муассиссаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ санаи 22-юми ноябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи илмӣ - назариявӣ баргузор гардид.

Дар конфронс Абдулмаинзода Зарина Қадамшо - муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муродова Дилбар - корманди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмудзода Руъё - мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, Шарофат Худойдодова - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ ва фаъолон аз ҳисоби занону бонувони шаҳр иштирок доштанд.

Конфронсро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Шарофат Худойдодова оғоз намуда, меҳмононро ба даргоҳи илму маърифат-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ хуш омадед намуда, қайд карданд, ки занону духтарон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор доранд. Ин аст, ки Роҳбари мамлакат пайваста иброз менамоянд: "Нақш ва мақому манзалати зан дар ҷомеаи мо имрӯз бениҳоят муҳим мебошад. Бе иштироки фаъолонаи занон, бидуни фикру ақида ва пешниҳодҳои онҳо ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ ғайри имкон мебошад".



Сипас, Абдулмаинзода Зарина Қадамшо - муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муродова Дилбар - корманди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмудзода Руъё - мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб суханронӣ намуда, аз дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба занону бонувони ҷумҳурӣ ёдовар шуданд.

Муҳимияти қабули барномаи мазкур барои марҳилаи навбатӣ, тақвияти фаъолияти мақомоти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани мақом ва манзалати занон дар ҷомеа, фаъолгардонии онҳо дар соҳаҳои гуногун, расидан ба натиҷаи муайянгардидаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, то ҳадди 25 фоиз расонидани занон дар мансабҳои роҳбарикунанда, фароҳам овардани шароити мусоид ва имкониятҳои ҳамаҷониба ҷиҳати иштироки фаъолонаи занону духтарон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мавқеи занон, саводнокӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, таъмини дастрасӣ ба хизмати давлатӣ, баланд бардоштани дараҷаи ҷамъияти хизмати давлатӣ, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи кишвар аз ҳисоби занону духтарони болаёқат мебошад, иброз намуданд Абдулмаинзода Зарина Қадамшо - муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Ҳам забонро фасоҳат аз илм аст,*
*Ҳам баёнро малоҳат аз илм аст.* Б. Ҳилолӣ



# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ПАРЧАМ

Парчами давлатӣ тамоми сокинони кишварро ба ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ, ҳифзи дастовардҳои он ва пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ ва саъю талоши пайваста ба хотири ободи сарзамини аҷдодӣ раҳнамун месозад. Бо дидану шунидан



ва ба забон овардани вожаҳои Ватан, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, Забони давлатӣ, Президент, марзу буми Тоҷикистон касро беихтиёр ҳисси меҳанпарастию ифтихор аз Ватану ватандорӣ фаро мегирад ва чунин эҳсосоти гарм, махсусан дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз, зери мавҷҳои Парчами давлатӣ боз ҳам фараҳбахшу гуворо ба ҷилва меоянд. Дар ин росто санаи 24 ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ин ҷашни давлатӣ бо як шукуҳу шаҳомати хос баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, мудири шуъбаи таърихи илм ва техникаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, номзади илмҳои таърих Шарифзода Абдувалӣ, муовини ректор оид ба таълим, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба тарбия номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир ва ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Чорабинӣ бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардид.

Баъди садо додани Суруди миллӣ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти тантанавӣ ба толор ворид карда шуд.

Сипас, қисмати тантанавиро ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек оғоз намуда, ҳозиринро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ шодбош гуфта, қайд намуданд: "Таърихи парчамдорӣ баёнгари он аст, ки ниёгони сарбаланди мо шаъну шарафи дирафши коваёниро чи дар дохили кишвар, чи дар набардҳои сарнавиштсоз нигаҳбонӣ кардаанд.

Ҳоло, хушбахтона, дар саросари марказҳои навоҳӣ, вилоятҳо ва пойтахти кишвари азизамон - шаҳри Душанбе парчами давлати Тоҷикистон партавафшон мебошад ва ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун дирафши ковеёнӣ дубора барафрохта буда моро даъват месозад, ки ба арзишҳои миллии худ арҷгузорӣ карда, барои ба абад болидаву парафшон будани дирафши миллӣ, тану ҷон дареғ надорем".

Ҳамзамон номзади илмҳои таърих Шарифзода Абдувалӣ маърӯзаи худро дар мавзуи "Инъикоси Парчами (дирафши) ковиёнӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносӣ" ироа намуда, доир ба таърихи пайдоиши парчам, шаклу намудҳои он ва нақши он дар зимоми давлатдорӣ изҳори андеша намуд.

Инчунин як қатор омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ барои хизматҳои шоистаи бисёрсолаи худ дар соҳаи маориф ва бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори донишгоҳ бо Сипоснома қадрдонӣ карда шуданд.

Дар қисмати фарҳангӣ ҳунармандони Хонаи маданияти донишгоҳ бо роҳбарии Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Холов таронасарой карданд.

# ИШТИРОКИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ 21 АССАМБЛЕЯИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ҶАВОНОНИ ИДМ

Санаи 16 ноябри соли 2023 дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳошияи ҷаласаи Шурои Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷаласаи бисту якуми Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони давлатҳои аъзои ИДМ доир гардид.

Ҳайати намояндагони Тоҷикистонро дар ҷаласаи мазкур Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек роҳбарӣ менамуд.

Мавзуи асосии рӯзномаи ҷаласа баррасии масоили марбут ба амнияти иттилоотии ҷавонони кишварҳои ИДМ буда, дар он парламентарҳои ҷавони кишварҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус ва Россия иштирок намуданд.

Баррасии масоили амнияти иттилоотии ҷавонон ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳар яке аз давлатҳои ИДМ мавзуи асосии баҳсу назарпардозиҳо гардид. Намояндагони ҳайатҳои парламентарҳои ҷавони кишварҳои Иттиҳод бо маърӯзаҳои хеш баромад намуданд.



Аз ҷумла қайд шуд, ки дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ҷавонон гурӯҳи махсусан осебпазири ҷомеа буда, ҷой доштани масоили ҳалталаб дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ин осебпазириро боз меафзояд. Дар ҷаҳони муосир талаботи ҷавонон ба Интернет аз талаботашон ба некуаҳволии моддӣ боло гирифта, танҳо аз талаботҳои физиологӣ қафо мемонад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ иштироки фаъол ва дастаҷамъонаи се субъекти муносибатҳо: давлат, муассисаҳои таълимӣ ва оиларо тақозо мекунад. Дар ин раванд ҳамкории ҳамоҳангшуда бо истеҳсолкунандагони пахнкунандагони маводи интернетӣ, иттиҳодияҳои экспертӣ, ҷамъиятӣ, психологӣ-педагогӣ ногузир арзёбӣ мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар ҷаласаи қаблӣ парламентарҳои ҷавон пешниҳод намуда буданд, ки дар доираи Соли забони русӣ ҳамчун забони муоширати байналхалқӣ дар ИДМ Озмуни байналхалқии тарҷума миёни ҷавонон гузаронида шавад. Лоиҳаи мазкур 11 сентябри соли 2023 оғоз гардида, барои ҷавонони эҷодкори аз 14 то 35-солаи ИДМ имконият медиҳад, то маҳорати эҷодӣ ва фарҳанги истифодабарии забони русии хешро муаррифӣ намоянд. Яке аз се номинатсияи озмун, ин тарҷумаи асари тавсияшаванда аз забони русӣ ба яке аз забонҳои давлатии кишварҳои ИДМ мебошад.

Иштирокчиёни ҷаласа, ҳамчунин, масъалаи эълон намудани соли 2024-ро ҳамчун Соли фаъолияти волонтёрӣ баррасӣ карданд. Нақшаи чорабиниҳо беш аз сад аксияҳои байналхалқӣ, вохӯриҳо, конференсияҳо, тадқиқотҳоро дар бар мегирад. Чорабиниҳои мазкур ба такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамкориҳо, рушди инфрасохтори фаъолияти волонтёрӣ, дастгирии тарғибот ҷиҳати фаъолияти ихтиёрии муфиди ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Санаи 17 ноябр парламентарҳои ҷавон дар қисмати ифтитоҳии ҷаласаи 56-уми АБП ИДМ иштирок намуданд.

Қобили зикр аст, ки Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ҳамчун ниҳоди машваратӣ барои баррасии масъалаҳои мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷанбаҳои ҳамкориҳои парлумонӣ ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи муштарак дар таҳияи санадҳои қонунгузории тавсиявӣ барои истифода дар қонунгузории миллии кишварҳои аъзо нақши сазгор дорад. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо назардошти самтҳои дархӯри фаъолият, бо ин ниҳоди бонуфузи минтақавӣ моҳи ноябри соли 2022 созишномаи ҳамкорӣ ба тасвиб расонид, ки дар партави он ҳамкориҳои судманде рӯйи кор оварда шудаанд.

# ҲАР ЯК "НЕ" БА ФАСОД- ИН "ҲА" БА БЕҲБУДИИ ТОҶИКИСТОН АСТ!"

Таҳти унвони мазкур санаи 15-уми ноябр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби намояндагони САҲА ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари омӯзишӣ баргузор гардид.

Дар семинар намояндаи Созмони Амнияти Ҳамкорӣ дар Аврупо Штедхан Ханиш, муовини ректор оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини сардори шуъбаи ҳамкориҳои байналмилалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёсуман Акрамзода, ҳуқуқшиносӣ Ташкилоти ҷамъияти ҳуқуқшиносон Насриддинова Шаҳноза, модератор Абуали Сафар ва дигар омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзиданд.

Намояндаи Созмони Амнияти Ҳамкорӣ дар Аврупо Штедхан Ханиш баромад карда, бобати таҳкимияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин амалҳо, ҳамзамон доир ба муайян гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ, махсусан дар соҳаи маорифу тандурустӣ, идоракунии давлатии хизмати давлатӣ, дар бахшҳои замину сохтмон ва дигар соҳаҳо суханронӣ кард.

Ҳамчунин, муовини сардори шуъбаи ҳамкориҳои байналмилалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёсуман Акрамзода доир ба "Зарари амалҳои коррупсионӣ ва оқибатҳои манфии он дар рафти таълим ва тарбияи наврасону ҷавонон ва фаъолият дар ин ё он соҳа" баромад карда, аз нишастагон даъват ба амал овард, ки ба ин амали нангин даст назананд ва барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои коррупсионӣ бо сохторҳои дахлдори давлатӣ дар ҳамкорӣ бошанд.

Таъкид гардид, ки дар кишварамон Тоҷикистон чораҳои муассир барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ андешида шудааст ва сохторҳои дахлдори давлатӣ дар мубориза бо амалҳои коррупсионӣ беш аз пеш кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод.

Дар идома, ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъияти ҳуқуқшиносон Насриддинова Шаҳноза дар мавзуи "Хавфи коррупсия ва нақши ҷавонон дар самти паст намудани коррупсия" баромад карданд.

Дар охир, суолу ҷавоб байни нишастагон ва намояндагони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон доир ба масъалаҳои рӯзмарра ташкил гардид.

# БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНӢ БО ТАШАББУСИ ТАҶРИБАОМӮЗОН

Санаи 21.11.23 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и шаҳри Кӯлоб чорабинии илмӣ-амалӣ бо ташаббуси таҷрибаомӯзони факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Илмҳои дақиқ-эҷёгари тафаккур" бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" бо ҷалби хонандагони синфҳои 10 ва 11-уми муассиса баргузор гардид.



Дар чорабинӣ декани факултети химия ва биология, номзади илмҳои кишоварзӣ Исупов Дилшод, мудири кафедраи химия, номзади илмҳои кимиё Холиқ Сафар, мудири кафедраи биология, номзади илмҳои педагогӣ Бобоев Бахтиёр, мутахассиси бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ Валиева Ҳалима, роҳбари таҷрибаомӯзони факултет Самардини Абдулло, директори муассисаи мазкур Воҳидова Рафоат ва дигар таҷрибаомӯзону хонандагони муассиса иштирок доштанд.

Чорабиниро директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 Воҳидова Рафоат оғоз намуда, меҳмононро ба муассиса хайрамақдам гуфта, иштирокчиёнро бо барномаи чорабинӣ шинос намуд.

Дар рафти чорабинӣ аз тарафи хонандагон маърӯзаҳо, қиссаҳои химиявӣ ва далелҳои аҷиб оид ба системаи даврии элементҳои Д. И. Менделеев пешниҳод гардид, ки бевосита хонандагон дар иҷрои онҳо фаъол буданд ва маҳорати баландро нишон доданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ декани факултети химия ва биология, номзади илмҳои кишоварзӣ Исупов Дилшод баромад намуда, сатҳи донишандӯзии хонандагонро хуб арзёбӣ намуда, ба кори таҷрибаомӯзони факултет ҷиҳати ташкил ва баргузории чорабинӣ баҳои баланд дод. Ҳамчунин ба иштирокчиёни чорабинӣ изҳори миннатдорӣ намуд.

# МУҲОКИМАИ РИСОЛАҲОИ НОМЗАДӢ

Дар таърихи 25-уми ноябри соли равон дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинг Шарифов Суҳроб Каримхонович дар мавзуи "Такмили методҳои арзёбии иқтидори иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" баргузор гардид.



Дар муҳокима декани факултети иқтисод ва идора, дотсент Расулова Лутфия, роҳбари илмии унвонҷӯй, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич, декани факултети молиявию иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, сардори шуъбаи ТАКИП Қурбонзода Умеда, дотсентон Комилов Низомиддин, Ҳасанова Фарзона, Ғуломов Зикрулло ва дигар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар рафти муҳокима ҳамчун муқарриз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов Абдулҳай Каримович, декани факултети молиявию иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилов Низомиддин баромад намуданд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии унвонҷӯй Шарифов Суҳроб Каримхонович бо дарназардошти тавсияҳо барои муҳокима ба зинаи минбаъда тавсия карда шуд.

**XXXX**

Санаи 2-юми декабри соли ҷорӣ дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокимаи рисолаи номзадии муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ Қурбонзода Далер Қурбон дар мавзуи "Сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва механизмҳои татбиқ" (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамзамон котиби Шурои ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Маҳмадизода Нозим Давлатмурод) баргузор гардид.

Дар муҳокима доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ Назарзода Пиралӣ, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик Абдуллоев Маҳмуд, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Пирназаров Эмомназар, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ Азимов Хурсанд, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент Муродов Темур ва дигар омӯзгорон иштирок намуданд.

Дар рафти муҳокима ҳамчун муқарризони холис Назарзода Пиралӣ - доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва Пирназаров Эмомназар - мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент баромад намуда, ҳусну қубҳи рисолаи илмиро арзёбӣ намуда, пешниҳоду тавсияҳои худро ироа намуданд.



Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии унвонҷӯй Қурбонзода Далер Қурбон бо дарназардошти тавсияҳо анҷомёфта ҳисоб шуда, барои муҳокимаи давраи навбатӣ тавсия карда шуд.

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба унвонҷӯён ва роҳбарони илмиашон дастовардро табрику таҳният гуфта, ба онҳо дар ҷодаи илму дониш муваффақиятҳои нав ба навро орзу менамояд.

# БАРГУЗОРИИ ДАРСИ НАМУНАВӢ

Санаи 4-уми декабр дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дарси намунавии Ашурова Нодира, доктори илмҳои филологӣ, дотсент дар мавзуи "Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" дар гурӯҳи таълимии 202-и ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик баргузор гардид.



Дар дарс Зулфиев Гадомад, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултет, Холиқова Зайналбӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик, Қувватова Муҳаббат, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ ва дигар устодону донишҷӯён ширкат варзиданд.

Дарсро муаллима Ашурова Нодира оғоз намуда, дар рафти дарс доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сухан намуда, қайд карданд, ки " Дар ҷаҳони фарҳангу тамаддун ҳар миллату халқиятро ба воситаи адабиёту фарҳанги он мешиносанд ва қадр мекунанд. Башарият аз замони қадим то ба имрӯз шоҳиди пешравию шукуфоии тамаддунҳову фарҳангҳои гуногуне будааст, ки дар ин миён тамаддуни пешрафтаи мардуми форсизабон мақому манзалати сазовори ситоиш дорад.

Шоири бузургу тамаддунофари адабиёти форс-тоҷик, сардафтари адабиёти классикӣ, Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ситорагони тобони осмони ин адабиёти оламшумул ба шумор меравад. Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нахустин шоирест, ки мисли офтоб осмони назми форсӣ-тоҷикиро дурахшон кард, ҳамчун паямбаре падидор шуд, ки маъниҳои асили ватаниро дар миёни халқу миллатҳои форсизабон ривоҷ дод ва шоҳи кишвари маънавиёти нафис шуд. Рӯдакӣ буд, ки дар устувор гардонидани давлати Сомониён ҳиссагузор шуд".

Сипас, донишҷӯёни гурӯҳи таълимии мазкур: Фаризаи Раҷабалӣ, Аминов Сайдамир, Файззода Ҷамшед доир ба ҳаёт ва эҷодиёт, мавзуъ ва мундариҷаи ашъори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маърӯза намуданд.

Инчунин ҳангоми дарс муаллим донишҷӯёнро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, миёни онҳо саволу ҷавоб гузаронид. Ҳамзамон донишҷӯён дар навбати хуш фаъолӣ намуда, ба ҳамаи саволҳои додаи муаллим ҷавобҳои мушаххас гардониданд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултети итаърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, Зардонова Суман Ҳасановна (таҳсилоти фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# МАОРИФ САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

**Боиси зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатии худ ба соҳаҳои иҷтимоии мамлакат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин миён соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ унвон медиҳад.**

Аз рӯзҳои аввали барпо гардидани сохти нави давлатдорӣ дар кишвари азизамон ба масъалаи маориф ва низоми таълиму тарбия диққати махсус дода мешуд. Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд шакл ва мазмуни тоза касб намуд. Дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар зери назар ва пуштибонии худ қарор дод. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра бори сеюм аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад. Дар баробари ин, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд.

Боиси зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатии худ ба соҳаҳои иҷтимоии мамлакат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин миён соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ унвон медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш дар самти сиёсати иҷтимоии кишвар саннаи 23-юми декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки: "Дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди неруи инсонӣ нигаронида шуда, ба масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад".

Аз нишондиҳандаҳои Паёми Пешвои миллат бар меояд, ки дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар натиҷа ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид.

Инчунин, дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш аз хусуси таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонони бо нангу баномус, бомаърифату соҳибҳунар, ватандӯсту ватанпарвар ва ба анъанаҳои неки гузаштагон сазовору содиқ, ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик гардондани низоми таълим, пайваста таъкид ба амал меоваранд. Дар ин маврид дар яке аз паёмашон иброз менамоянд, ки: "Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ҳарчанд, ки дар ин самт натиҷаҳои муайян ба даст омадаанд, вале онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд. Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем".

Ҳамчун муҳассил ва донишҷӯ аз рӯи дид ва таҳлилу баррасиҳо иброз медорам, ки муассисаи азизам, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ низ бо дарки масъулият баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вобаста ба беҳтар намудани сатҳу сифати раванди таълиму тарбия дар макотиби олии кишвар, аз тамоми имконоти мавҷуда босамар истифода менамояд.

Ҷаҳонишавии таҳсилоти миллӣ, ҷараёни рушди илм ба талаботи имрӯза ва раванди таҳсилотро ба назар гирифта, ба мукаммал намудани барномаҳои таълимӣ, тибқи стандартҳои муосири давлативу байналмилалӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири ҷавобгӯ ба талаботи замон, инкишофи шахсиву касбии ҳар як корманд, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ, роҳандозӣ намудани озмуну олимпиадаҳо, маҳфилу семинарҳои соҳавию тахассусӣ аҳамияти бештар дода, самтҳои афзалиятнокро дар фаъолияти худ муайян намудааст. Вазифаҳои стратегии донишгоҳ маҳз ба сифатан беҳтар намудани ҷараёни таҳсилот равона гардида, барои инкишофи малакаву маҳорати касбӣ, қобилияти зеҳнию фарҳангӣ ва ташаккули худшиносию худогоҳии миллии донишҷӯён равона гардидааст.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки ҳоло аҳли маориф ва ҷомеаи кишвар, бахусус Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ бо дастгирӣ аз сиёсати пешгирифтаи хирадмандона ва ватанпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар, ба масъалаи сифати таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани маърифатнокию ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ҳифз ва арҷ гузоштан ба арзишҳо ва муқаддассоти миллию давлатӣ, доштани ҳисси баланди ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии насли ҷавон саҳми арзанда мегузорад.

Пас, мо ҷавонони зодаи даврони истиқлолиятро мебояд, баҳри ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҷавобан ба сиёсати пайгирона ва падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз шароит ва имконоти фароҳамсохтаи давлату ҳукумат бо завқу шавқи беандоза илм омӯзем, донишҳои наву замонавиро аз бар намоем ва бо роҳи дар амал татбиқ намудани донишҳои андухта дар ободӣ ва шукуфоии Ватани азизамон-Тоҷикистон, саҳми худро гузорем.



*Камолиддин ДАВЛАТОВ, раиси Ҷамъияти илмии донишҷӯёни донишгоҳ, донишҷӯи курси 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ*

# ҚОСИДИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Боиси фараҳмандист, ки имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон дар фазои суботу осоиштагӣ ва ваҳдати комили миллӣ зиндагӣ карда, шоҳиди пешрафтҳои рӯзафзуни диёри маҳбубамон дар арсаҳои иқтисоду тиҷорат, саноату кишоварзӣ, илму мариф, фарҳангу маънавиёт мегарданд. Тамоми дастовардҳо ва неъматҳое, ки дорем, ба шарофати татбиқи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаву тахти роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат мамлакатамон ба рушду шукуфоӣ расидааст.

Дар тавсиф ва баёни шуҷоатмандиву қаҳрамонии ин Абармарди дунёи сиёсат калом оҷиз мемонад. Чун корнамоиҳои ин марди асил то арсаи байналмилалӣ шӯҳрат ёфтаву тасхиргари қалбҳо гардидааст.

Сиёсату ташаббусҳои Пешвои миллат намунаи ибратест, барои тамоми мардуми сайёра. Ӯ кафили сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва истиқлолияти миллӣ, инъикосгари таъриху фарҳанги миллати тоҷик ва Тоҷикистон аст.

Дар марҳилаи нави давлатдорӣ истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик осон ба даст наомадааст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият хоинону бадхоҳони миллати тоҷик фазои амнияти давлату ҳукуматро ноором сохта, кишварро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд.



Маҳз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд, ки барои бартарафсозии ҳама ин нокомиҳо ва ҳалли мушкилотҳое, ки бар сари миллати тоҷик омада буд, аввалин шуда, гомҳои устувор гузоштанд. Танҳо ӯ буд, ки ҷон ба каф бе ҳеҷ муддао ба кишвари берун аз марз- Афғонистон рафта, гурезагони ҷанги шаҳрвандиро ба ватан овард

Воқеан Эмомалӣ Раҳмон ҳадяи Яздонӣ ба миллати тоҷик аст ки тулли зиёда аз 30 сол ин марди хирадманд ба миллати тоҷик хидмат намуда истодааст. Дар рӯзҳои аввалини роҳбарии хеш Эмомалӣ Раҳмон бо ҷуръати том чунин иброз доштанд: "Ман барои шумо сулҳ меорам!". Ин фарзанди фарзонаи миллат ба ваъдаи худ дар назди миллати тоҷик вафо намуда, ба кишвари ҷангзадаи мо, ки оғуштаи хуни бештар аз 150 ҳазор аҳолии мамлакат буд, ки аксари онҳоро ҷавонон ташкил медоданд, сулҳ оварданд. Дар симои ин марди ҳақиқатпарвар нақши инсондӯстӣ, марому мардонагӣ, ҷасорату қаҳрамонӣ, матонату ташаббускорӣ таҷассум ёфтааст.

Имрӯз, сиёсати пешгирифтаи Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро ба ваҷд овардааст, чунки ин сиёсатмадори барҷаста бо муҳимтарин тасмимҳои худ ва корнамоиҳои беназир дар саҳти минтақавӣ ва глобалӣ шинохта шуд ва дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардид.

Мо ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизро мебояд ҷавобан ба ин ҳама фидокорию аз худ гузаштанҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои муаззами миллат, қосиди сулҳу амонии кишвар - Эмомалӣ Раҳмон, илм омӯзем, касб аз худ намоем, бо донишу малакаи худ дар пешбурди соҳаҳои мамлакат нақши босазо ва муассире гузошта, бадин васила ҷонибдор будани худро ба сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат исбот намоем. Дар ин ростао ҳама он дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллатро сармашқи кору пайкори худ қарор диҳем ва барои рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистони азизамон талош намоем.



*Мунисаи Маҳмарабӣ, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ-МУШКИЛОТИ ҶОМЕА

***"Мубориза бо терроризм ва экстремизм муборизаи муштараки кишварҳои дунёро тақозо менамояд".***

**Эмомалӣ Раҳмон**

Мушкилот дар ҷаҳони муосир хеле зиёданд. Вале мушкилоти асосие, ки тайи солҳои охир дунёро ба ташвиш овардааст, ин экстремизм ва терроризм мебошад. Экстремизм ва терроризм-падидаи номатлуб ва ғайринсонӣ мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифта, ба хатари бузурги сайёра табдил ёфтааст. Тамоми мамлакатҳои ҷаҳон бо ин вабои аср муборизаи беамон эълон намудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин ҷода яке аз мамлакатҳои пешқадам ба ҳисоб меравад. Сарвари хирадманди мо- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз аввалин шахсиятҳоест, ки мубориза ба муқобили экстремизм ва терроризмро эътироф намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба муборизаи дастаҷамъона бо ин падидаи номатлуб даъват кардааст.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта Ҳукумати мамлакат 16 ноябри соли 1999 Қонун "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм"-ро қабул намудааст, ки дар он мақсади қабули Қонун, мафҳуми терроризм, фаъолияти террористӣ, субъектҳои бевоситаи бо терроризм муборизабаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои қудратии давлатӣ муайян карда шудаанд.

Гузашта аз ин, 8 декабри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)" қабул шудааст, ки дар он низ мақсади қабули Қонун, мафҳуми экстремизм, амалҳои экстремистӣ, масъулияти ҳамаи сохторҳо дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм дарҷ ёфтааст.

Дар баробари қонунҳои мазкур, инчунин, консепсияи ягона оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм қабул шудааст, ки дар он нуқтаҳои асосии мубориза бо ин падидаҳои номатлуб инъикос ёфтааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори бузургтарин пешниҳоду лоиҳаҳо дар СММ ҷиҳати беҳдошти зиндагии башарият мебошад ва масъалаи мубориза ба муқобили экстремизм ва терроризм низ аз зумраи онҳост.

Бо шарофат ва ибтикороти созандуву бунёдкоронаи Роҳбарияти олии кишвар айни замон Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз мамлакатҳои амнтарин ва бехавфтарини дунё маҳсуб меёбад.

Дар мамлакати мо барои пешбурди ҳамаи намуди фаъолият, ки барои тараққиёту пешравии ҷомеа зaруранд, иҷозат дода шудааст. Сатҳи фарҳанги мардуми мо нисбат ба солҳои пешин бамаротиб боло рафтааст ва имрӯз ҳазорон-ҳазор ҷавонони мо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамаи ин аз пешравии сиёсати пешгирифтаи Сарвари хирадманду маорифпарвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳад.




Яке аз самтҳои сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан Сарвари давлат, дастгирии насли наврас ва ҷавонон буда, баҳри донишомӯзӣ ва касбомӯзии онҳо тамоми имконотро фарҳам сохтаанд, то ҷавонони мо соҳибилму соҳибистеъдод гардида, баҳри ободии халқу ватани худ хизматҳои беназирро анҷом диҳанд.

Вале дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза падидаҳои манфие низ, ба монанди гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои бегона, даст задан ба ҷиноятҳои дорои характери террористиву экстремистидошта, ба чашм мерасад. Тавре ки Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, "вобаста ба ҳодисаҳои ҷаҳони имрӯза мо бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, бештар кору фаъолият намоем ва нагузорем, ки рафтору кирдор, ақидаҳои ғаразноку номатлуб дар ҷомеаи мо, алалхусус байни наврасону ҷавонон, ки ояндасози миллатамон маҳсуб меёбанд, реша дoffванд".

Зиракии сиёсии ҷавонон ва кулли мардуми Тоҷикистон омили амният, дифои ваҳдат ва худшиносии миллӣ, дарки ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ ва волоияти қонунҳо мебошад.

Набояд имкон дод, то фазои осуда ва тинҷи мамлакатамонро касе халалдор намояд ва ба тарафдорони ин равияву ҳаракатҳо оштинопазир бояд буд, зеро террористону экстремистон рӯз то рӯз тавассути технологияи муосир - шабакаҳои интернетӣ ва иҷтимоӣ тарғиботу ташвиқоти худро пурзӯр намуда, барои ҷалби ҷавонону наврасони гумроҳ тамоми роҳу усулҳоро истифода мебаранд.

Шурӯъ аз адолати иҷтимоӣ то нозуктарин масъалаҳои динӣ мавзуи таблиғоти ин гуна ашхос ба ҳисоб меравад. Ин гурӯҳи табақаи иғвоангез ба ибораи дигар "адолатҷӯву адолатхоҳ" боре ҳам дар бораи мувaф-фақиятҳову дастовардҳои Ватани азизи мо як калима ҳам намегӯянд.

Мардуми шарафманди Тоҷикистон оқибатҳои фоҷиабор ва амалҳои пасипардагии як гурӯҳ дасисабозонро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накардаанд. Бахусус, калонсолон мушкилиҳои он замонро хуб дар ёд доранд ва онро ба насли ҷавон ҳар рӯзу ҳар соат таъкид менамоянд.

Ҷавонон табақаи осебпазири ҷомеа буда, ҳар як чизи нав пайдошударо дар кадом шакле, ки бошад, зуд қабул мекунанд.

Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавонон иқдомҳои бузургро пеша намудааст. Бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, литсею гимназияҳо, мактабҳои Президентӣ ва садҳо иншоотҳои нави замонавӣ барои ояндаи наврасону ҷавонони мамлакат шаҳодати ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ҳар як Паёму суханрониҳои худ Сарвари давлат марбут ба тарбияи насли наврасу ҷавон дар назди мо вазифаи пурмасъулият- тарбияи комилу ба талаботи давр ҷавобгӯро мегузоранд ва, албатта, иҷрои ин гуфтаҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мо омӯзгорон аст. Президенти мамлакат соҳаи маорифро афзалиятнок ҳисобида, тарбияи насли наврас ва ҷавононро вазифаи ҷонии ҳар як фарди маорифпарвар медонад.

Дар масъалаи нигоҳ доштани ҷавонон аз шомил шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо дар мадди аввал муборизаи идеологиро тариқи шабакаҳои интернетӣ аз ҳисоби шахсиятҳои ватандӯсту ватанпарасти дорои ҷаҳонбинии васеъ ва мутахассисони хуби технологияҳои иттилоотӣ ва донандагони забонҳои хориҷӣ, махсусан, англисӣ, русӣ ва арабӣ ба роҳ мондан ҳатмӣ ҳаст. Баъдан, наврасону ҷавононро бештар ба таълиму тадрис фаро гирифтан лозим аст, чунки фаҳмишу ҷаҳонбинии инсон ба воситаи хондан, илм омӯхтан дар муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад. Ва ҳамаи ин ба воситаи омӯзгорон амалӣ мегардад.

Тайи солҳои охир, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷавонону наврасоне, ки ба ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ мепайванданд, ҷавононе мебошанд, ки дар ягон ҷо таҳсил накардаанд. Ин дар ҳолест, ки тамоми шароит барои таҳсил намудани ҷавонон аз тарафи Ҳукумати мамлакат муҳайё гардидааст.

Дар роҳи пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои мазкур аз ҳисоби олимону донишмандон, рӯзноманигорони варзида ва уламои дин тавассути ВАО суҳбату намоишҳои телевизионӣ ташкил намудан ба манфиати кор аст.

Дар ин росто вазифаи мо- равшанфикрон ва пешбарандагони сиёсати давлат, аз он иборат аст, ки дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон боз ҳам бештар масъулият ҳис намуда, нагузорем, ки фазои тинҷу ороми ватани азизамонро касе халалдор созад. Аз дастгириҳо, суҳбату вохӯриҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли зиё рӯҳу илҳоми тоза гирифта, кӯшиш менамоем, ки ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ тарбия намуда, дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ сафарбар намоем.

*Шералиева САДБАРГ-дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*



"Мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок донista, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурро роҳандозӣ карда истодаем. Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем."

# ДАСТОВАРДИ ИЛМӢ МУБОРАК!



Санаи 2-юми декабри соли 2023 Иброҳимзода Одилхон Юлдош - муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети молиявию иқтисодии донишгоҳ, рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Субҳонзода Икром Субҳон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бомуваффақият дифоъ намуд.



Санаи 7 декабри соли 2023 Ғаюров Лоиқ Шералиевич - муаллими калони кафедраи фалсафаи донишгоҳ рисолаи илмиашро дар мавзуи "Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)" дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 - Фалсафаи иҷтимоӣ), зери роҳбарии Қурбонов Абдураҳмон Шерович - доктори илмҳои фалсафа, профессор бомуваффақият дифоъ намуд.



Санаи 21-уми декабри соли 2023 Алишери Абдулмаҷид-муаллими калони кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи донишгоҳ, рисолаи номзадияшро дар мавзуи "Таҳлили мавзуӣ ва мундариҷавии очеркҳои Шодон Ҳаниф" дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401), зери роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Гулов Сангин Нурович бо муваффақият дифоъ намуд.



Санаи 21-уми декабри соли 2023 Саидов Пайрав Мизробхонович - докторанти PhD-и кафедраи иқтисоди корхонаҳои факултети молиявию иқтисодии донишгоҳ рисолаи номзадияшро дар мавзуи "Захираҳои баландбардории самаранокии истеҳсолот дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)", дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608 - Иқтисодиёт (6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ), зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тағоев Ҷумъахон Ҳамроевич бомуваффақият дифоъ намуд.

***Раёсат, ҳайати профессорон ва омӯзгорони донишгоҳ муҳаққиқонро барои бомуваффақият ба итмом расонидани рисолаҳои илмӣ ва ҳимояи онҳо сидқан табрику муборакбод намуда, дар корҳои илмии минбаъдаашон комёбиҳо таманно менамоянд.***

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи декабри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. ҚУРАЕВ ҚАРОҚУЛ, 01.12.1951, муаллими калони кафедраи моля ва қарз;
2. СУЛТОНОВА МАЙДАМО, 01.12.1967, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
3. ШАРИФОВА БУНАФША, 02.12.1978, ассистенти кафедраи биологи ва методикаи таълимии он;
4. БОБОЕВА МАҲБУБА, 04.12.1972, н.и.п., дотсент, сардори хадамоти назорати сифати таҳсилоти донишгоҳ
5. ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕР, 06.12.1994, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
6. КОМИЛОВА РАҶАБМО 06.12.1994, коргузори кафедраи сиёсатшиносӣ;
7. РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК, 07.12. 1988, ректори Донишгоҳи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пофессор;
8. БОБОҚУЛОВ ҶУМАХОН, 09.12.1955, н.и.ф., дотсенти, кафедраи забони хориҷӣ бо МТЗАР;
9. САФАРОВ ШИРИН, 10.12.1981, муаллими калони кафедраи мудофияи гражданӣ ва ОДҲ;
10. СУФИЕВ САДРИДДИН, 13.12.1983, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
11. ХОЛОВ СИНО, 13.12.1989, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети химия ва биология;
12. САБОҲАТИ ИСЛОМ, 14.12.1996, лабаранти кафедраи методикаи таълимии забонҳои хориҷӣ;
13. ДАВЛАТОВ МАҲМАДСАФАР, 15.12.1955, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик;
14. САФАРОВ ХОЛМАД, 16.12.1996, н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик;
15. САМАРДДИНОВА ЗАЙНАБ, 17.12.1968, н.и.п. дотсент, декани факултети физика ва математика;
16. БОБОЕВ БАХТОВАР, 17.12.1989, мудири бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон;
17. МУРОДОВ ШАҲБОЗ, 17.12.1996, ассистенти кафедраи фалсафа;
18. РАҲМАТУЛЛОЕВ АБДУЛАЗИЗ, 18.12.1960, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;
19. АМИРОВ ЁРАҲМАД, 18.12.1952, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;
20. ШОИМАРДОНОВА МУНИРА, 20.12.1982, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ;
21. НАБИЕВА МУҚАДДАС, 22.12.1975, ассистенти кафедраи равоншиносӣ;
22. ИЗАТУЛОЕВ КУГАН, 24.12.1937, дотсент, мушовири ректори донишгоҳ;
23. ХОЛИҚЗОДА АҲЛИДДИН, 24.12.1989, муаллими калони кафедраи молия ва қарз;
24. ШАРИПОВ АНВАР, 24.12.1988, н.и.п., дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсия;
25. МИРЗОЕВ СУБҲОН, 29.12.1988, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносӣ;
26. ҲАБИБУЛЛОЕВА ШАҲЛО, 29.12.1973, лабаранти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
27. СУЛТОНОВА М., 31.12.1967, мудири кабинети кафедраи менеҷмент ва маркетинг;

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ИБОДОВ МАХМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

САФАРЗОДА МУНИР,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст.
Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63